Маҷлиси вакилони халқи ноҳияи
Куҳистони Мастчоҳ вилояти Суғд
Иҷлосияи шашум (даъвати чорум)

# ҚАРОР

аз «30» 07. 2011 № 59 ш.Меҳрон

Дар бораи тасдиқи Барномаи рушди ноҳияи Куҳистони Мастчоҳи вилояти Суғд барои солҳои 2011-2015.

Иҷлосияи ғайринавбатии шашум (даъвати чорум)-и Маҷлиси вакилони халқи ноҳияи Кӯҳистони Мастчоҳ аз рӯи масъалаҳои зикршудаи рӯзнома ахбороти раиси Шӯрои рушди ноҳия Саидбеков Бобобекро шунид.

Қайд гардид, ки иҷрои саривақтии Барномаи рушди ноҳияи Куҳистони Мастчоҳи вилояти Суғд барои солҳои 2011-2015 зери назорати доимии мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии ноҳия қарор дода шудааст.

Баъд аз муҳокимаи Барномаи рушди иқтисоди иҷтимоии ноҳия иҷлосияи ғайринавбатии Маҷлиси вакилони халқи ноҳияи Куҳистони Мастчоҳ:

Қарор мекунад:

1. Барномаи рушди ноҳияи Куҳистони Мастчоҳи вилояти Суғд барои солҳои 2011-2015 бо назардошти тағиру иловаҳои дар иҷлосия пешниҳоднамудаи вакилон тасдиқ карда шавад.
2. Ба мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии ноҳия, воҳидҳои сохторӣ, ҷамоатҳои деҳот супорида шавад, ки барои амалишавии Барномаи мазкур тадбирҳои судмандро амалӣ намоянд.
3. Назорати иҷрои қарори мазкур ба зиммаи комиссияҳои доимии Маҷлиси вакилони халқи ноҳия гузошта шавад.

Раиси Маҷлис С Охунов

БАРНОМАИ РУШДИ
ИҚТИСОДИИ ДЕҲОТ
RURAL GROWTH PROGRAMME

Барнома дар доираи «Барномаи рушди деҳот», ки аз ҷониби бо БРСММ, Агентии ҳамкории байналмиллалии Олмон ва Департаменти Британияи Кабир оид ба рушди байналмиллалӣ маблағгузорӣ карда мешавад, таҳия шудааст.

*Арзиши БР-и ноҳия аз рӯи бахшҳо барои солҳои 2011-2015*

| Соҳаҳо | ҳамагӣ | 2011 | 2012 | 2013 | 2014 | 2015 |
|---|---|---|---|---|---|---|
| Бахши иқтисод | 38939,5 | 5555,5 | 7851 | 8491 | 8581 | 8461 |
| • Кишоварзӣ | 33584,5 | 4704,5 | 6810 | 7250 | 7420 | 7400 |
| • СХМ | 3435 | 521 | 621 | 711 | 721 | 861 |
| • Саноат | 1920 | 330 | 420 | 530 | 440 | 200 |
| Маблағгузорӣ зарур аст | 7400 | 1260 | 1480 | 1400 | 1820 | 1440 |
| Бахши иҷтимоӣ | 44097 | 6995 | 9010 | 9637 | 10385 | 8070 |
| • Тандурустӣ | 4065 | 1230 | 1180 | 720 | 430 | 505 |
| • Маориф | 30570 | 3935 | 5640 | 6585 | 8325 | 6085 |
| • Ҳифзи иҷтимоӣ | 700 | 50 | 200 | 150 | 150 | 150 |
| • Фарҳанг | 6262 | 1520 | 1430 | 1622 | 920 | 770 |
| • Варзиш | 2500 | 260 | 560 | 560 | 560 | 560 |
| Маблағгузорӣ зарур аст | 21030 | 3085 | 4770 | 4095 | 5035 | 4045 |
| Инфрасохтор | 104036 | 18016 | 22371 | 21563 | 19703 | 22383 |
| • Таъминоти об | 5853 | 1441 | 1449 | 1381 | 801 | 781 |
| • Барқтаъминкунӣ | 86808 | 15600 | 18902 | 17502 | 16452 | 18352 |
| • Нақлиёт ва роҳ | 10975 | 925 | 1920 | 2580 | 2350 | 3200 |
| • Алоқа ва коммуникатсия | 400 | 50 | 100 | 100 | 100 | 50 |
| Маблағгузорӣ зарур аст | 86258 | 16409 | 19787 | 17754 | 16054 | 16254 |
| ҲФ | 1345 | 295 | 225 | 445 | 235 | 145 |
| Маблағгузорӣ зарур аст | 385 | 95 | 95 | 65 | 65 | 65 |
| Таъминоти захиравӣ | 670 | 414 | 64 | 64 | 64 | 64 |
| Ҳамагӣ маблағгузории зарурӣ | 115073 | 20849 | 26132 | 23314 | 22974 | 21804 |
| Ҳамагӣ : | 189087,5 | 31275,5 | 39521 | 40200 | 38968 | 39123 |

# Мундарича

**Пешгуфтор ........ 8**

**Боби 1. Ҳолати умумӣ ва таҳлили вазъи воқеии ноҳия ........ 9**
1.1. Сохтори маъмурӣ ва ҳудудии ноҳия ........ 9
1.2. Маълумоти фарҳангӣ ва таърихӣ ........ 9
1.3. Шароити иқлимӣ ва захираҳои табии ноҳия ........ 9
1.4. Вазъи демографӣ ........ 9
1.5. Тамоюли асосии иҷтимоию иқтисодӣ ........ 10
1.6. Биниши рушди ноҳия ........ 11

**Боби 2. Таҳлили ҳолат ва шарҳи стратегӣ аз рӯи рушди соҳаҳои асосӣ ........ 13**
**2.1. Иқтисодиёт ........ 13**
2.1.1. Кишоварзӣ ........ 13
2.1.2. Саноат ........ 17
2.1.3. Соҳибкории хурду миёна ........ 19
2.1.4. Стратегия ва вазифаҳои бахши иқтисод ........ 23
**2.2. Соҳаҳои иҷтимоӣ ........ 27**
2.2.1. Тандурустӣ ........ 27
2.2.2. Маориф ........ 29
2.2.3. Ҳифзи иҷтимоӣ ва шуғли аҳолӣ ........ 32
2.2.4. Фарҳанг ва варзиш ........ 34
2.2.5. Стратегия ва вазифаҳои бахши иҷтимоӣ ........ 35
**2.3.Инфрасохтор ........ 39**
2.3.1. Хоҷагии манзили – коммуналӣ ........ 39
2.3.2. Нақлиёт ва хоҷагии роҳ ........ 40
2.3.3. Статегия ва вазифаҳо дар бахши инфрасохтор ........ 42
**2.4. Ҳифзи муҳити зист ва экология ........ 45**
2.4.1. Ҳолатҳои фавқулодда ........ 45
2.4.2. Стратегия ва вазифаҳо дар бахши ҳифзи муҳити зист ........ 46
**2.5. Таъминоти захиравӣ ........ 47**
2.5.1. Таъминоти молиявӣ-буҷетӣ ........ 47
2.5.2. Захираҳои ташкилӣ ва инсонии ноҳия ........ 51
2.5.3. Стратегия ва вазифаҳо дар бахши таъминоти захиравӣ ........ 53

**Боби 3. Маниторинг ва баҳодиҳӣ ........ 54**

## Рӯйхати ихтисорот

| | |
|---|---|
| ААО | Агро Аксияи Олмон |
| АТ | Арзёбии таъсиррасон |
| БҶ | Бонки ҷаҳонӣ |
| БДС | Барномаи давлатии сармоягузорӣ |
| БРН | Барномаи рушди ноҳия |
| БРСММ | Барномаи рушди Созмони Миллали Муттаҳид |
| БРҶ | Барномаи рушди ҷомеа |
| ВМҲИ | Вазорати меҳнат ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ |
| ВРИС | Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон |
| КҲФ | Кумитаи ҳолатҳои фавқулодда ва мудофиаи граждан̣ӣ |
| ВҲШ | Варақаҳои ҳисоботи шаҳрвандон |
| ГК | Гурӯҳҳои кории секторӣ |
| ГФТ | Гурӯҳи фаъоли ташаббускор |
| ИМ | Идоракунии маҳаллӣ |
| ИҶ | Иттиҳодияи ҷамъиятӣ |
| КАТС | Кӯмаки аввалияи тиббию санитарӣ |
| МваА | Мониторинг ва арзёбӣ |
| МДҶ | Маркази дастгирии ҷамоат |
| НБО | Нерӯгоҳҳои барқии обӣ |
| ПСМ | Партовҳои сахти маишӣ |
| СВОТ | Паҳлӯҳои қавӣ, заиф ва имкониятҳову таҳдидҳо |
| СМ | Созмонҳои маҳаллӣ |
| СМваА | Системаи мониторинг ва арзёбӣ |
| СМР | Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2015 |
| СҒҲ | Созмонҳои ғайриҳукуматӣ |
| СПКСК | Стратегияи паст кардани сатҳи камбизоатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2010-2012 |
| СХМ | Соҳибкории хурд ва миёна |
| ФГ | Фонди гардон |
| ФҚХ | Фонди қарзии хурд |
| ҲРҲ | Ҳадафҳои Рушди Ҳазорсола |
| ШРН | Шӯрои рушди ноҳия |
| DFID | Вазорати рушди байналмиллалии Бритониёи Кабир |
| GIZ | Агентии Олмон оид ба ҳамкории техникӣ |

# Мурочиати Раис ба аҳолии ноҳия

Ҳамдиёриҳои арҷманд!

Мо дар арафаи таҷлили санаи таърихии 20 - солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон қарор дорем. Дар ин муддати нисбатан кӯтоҳ ноҳияи Кӯҳистони Мастчоҳ аз нав соли 1996 ташкил шуда ба як қатор дастовардҳо дар соҳаҳои хоҷагии халқ, аз ҷумла соҳаҳои иҷтимоӣ ва кишоварзӣ ноил гардид. Ба туфайли меҳнати садоқатмандона ноҳия ба зинаи нави тараққиёти худ устуворона қадам ниҳода истодааст.

Банақшагирии тараққиёти соҳаҳои хоҷагии халқи ноҳия дар айни замон бо усули аз зинаи поён ба боло сурат гирифта истодааст. Ин чунин маъно дорад, ки тақдири минбаъдаи мардумро, яъне стратегияи минбаъдаи рушди минтақаро худи аҳолӣ муайян карда истодааст. Дар ин бора аллома Иқбол ба маврид гуфтааст.

Худо он миллатеро сарварӣ дод,<br>
Ки тақдираш ба дасти хеш бинвишт.<br>
Ба он миллат сару коре надорад,<br>
Ки деҳқонаш барои дигарон кишт.

Барномае, ки дар даст доред, бо иштироки доираи васеъ аз рӯи дастурамали нав таҳия шуда, таҳлили васеъи ҳолати ҷорӣ, афзалиятҳои аввалиндараҷаи бахшҳои хоҷагии халкро дар бар гирифта, роҳҳо ва имкониятҳои дар амал татбиқ намудани лоиҳаҳо, мониторинг ва баҳодиҳии онҳоро муайян менамояд.

Таҳия ва татбиқи Барномаи рушди ноҳия ба мо имконият медиҳад, ки сатҳи камбизотии аҳолии ноҳия паст гардида, барои тараққиёти соҳаҳои он шароити мусоид фароҳам оварда шавад.

Ҳамаи ҳамдиёрони мӯҳтарамро даъват менамоям, ки дархосту ақидаҳояшонро пешниҳод намуда, дар татбиқи Барнома ва маниторинги он фаъолона иштирок намоянд.

Ман аминам, ки таҳлили ҳамтарафаи мушкилот ва роҳҳои ҳалли онҳо бо иштироки тарафҳои манфиатдор, аз ҷумла ҷомеаи шаҳрвандӣ ва бахши хусусӣ ба мо имконият медиҳад рушди минбаъдаи диёри аҷдодиамонро таъмин намуда, барои насли оянда мероси сазоворе вогузорем.

# Пешгуфтор

Барномаи рушди иҷтимоию иқтисодии ноҳияи Кӯҳистони Мастчоҳ барои солҳои 2011-2015 (баъдан Барнома) тибқи «Дастури методӣ оид ба таҳия ва татбиқи барномаҳои рушди шаҳру ноҳияҳо ва мақомоти худидораи шаҳраку деҳот», ки аз ҷониби Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод шудааст, дар заминаи сиёсати давлат ва ҳуҷҷатҳои муҳими стратегӣ аз қабили Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2015, Стратегияи паст кардани сатҳи камбизоатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2010-2012 ва дигар барномаҳои соҳавӣ тартиб дода шудааст.

Барнома аз тарафи гурӯҳи кори ноҳия, ки вазъи ноҳияро таҳлил намуд бо ҷалби мутахасисони соҳавӣ, намояндагони ҷомеаи шаҳрванди ва бахши хусусӣ таҳия шудааст.

Барномаи мазкур миёнамӯҳлат буда, ҳар панҷ сол таҳия мешавад. Барнома мониторинги доимӣ ва баҳодиҳии солонаро аз рӯи натиҷаи татбиқ дурнамо амалӣ менамояд, ки он барои ворид намудани тағирот замина хоҳад буд.

Таҳияи Барнома бо марҳилаҳои зайл сурат гирифт:

- Ташкили гурӯҳи корӣ ва гурӯҳҳои ташабускори таҳияи бахшҳо, ки дар таҳлили вазъият дар деҳаю шаҳракҳои ноҳия, муайян намудани мушкилоту афзалиятҳо, ояндабинӣ ва мушаххас гардонидани мақсадҳо иштирок намуданд.
- Таҳияи лоиҳаи БР барои 5 соли оянда дар замини гурӯҳои секторӣ.
- Муҳокимаи БР дар доираи мутаххасисон ва байни аҳолӣ.

Барномаи мазкур аз қисматҳои зери иборат мебошад:

***Қисми 1-*** тавсифи мухтасар ва таҳлили ҳолати умумии ноҳия, аз ҷумла тамоили рушди иқтисодию иҷтимоӣ дар се соли охир;

***Қисми 2*** - баҳои ҳолати ҷории ноҳияи Кӯҳистони Мастчоҳ дар соҳаҳои иқтисодиёт, иҷтимоиёт, инфорасохтор ва ҳифзи муҳити зист, стратегияи рушди соҳаҳои мазкур дар 5 соли оянда ва баҳодиҳии захираҳои мавҷуда барои амаликунии онҳо;

***Қисми 3*** -тавсифи низоми мониторинг ва баҳодиҳии Барнома.

# БОБИ 1. ҲОЛАТИ УМУМӢ
# ВА ТАҲЛИЛИ ВАЗЪИ ВОҚЕИИ НОҲИЯ

## 1.1. Сохтори маъмурӣ ва ҳудудии ноҳия

Ноҳияи Кӯҳистони Мастчоҳ дар қисми ҷануби шарқии вилояти Суғд ҷойгир буда, яке аз минтақаҳои баландкӯҳи вилоят мебошад ва байни қаторкӯҳҳои Зарафшон ва Туркистон ҷойгир аст. Ноҳияро бо маркази вилоят роҳи душворгузари Ғончӣ-Кӯҳистони Мастчоҳ ба воситаи ағбаи Оббурдон, ки фасли зимистон баста мешавад ва Айнӣ - Кӯҳистони Мастчоҳ мепайвандад.

***Соли таъсисёбии ноҳия*** - 1996

***Масоҳати умумӣ*** - 3723 км$^2$.

***Аҳолӣ*** - 21227 нафар ба 01.01 соли 2011, аз он аҳолии деҳот – 21227 нафар. Мардон - 10455 нафар, занҳо - 10777 нафар.

***Зичии аҳолӣ*** - 5,7 нафар дар 1 км$^2$.

***Маркази маъмурӣ*** - шаҳраки Меҳрон.

***Ҳамҳудудӣ*** аз шимол бо Ҷумҳурии Қирғизистон,
аз ҷанубу шарқ бо ноҳияи Рашт,
аз ғарб бо ноҳияи Айнӣ,
аз шимолу ғарб бо ноҳияи Ғончӣ.

Масофаи байни шаҳраки Меҳрон ва шаҳри Хуҷанд 252км.

***Ҷамоатҳои деҳот*** - Иван-Тоҷик ва Лангар.

## 1.2. Маълумоти фарҳангӣ ва таърихӣ

Кӯҳистони Мастчоҳ таърихи куҳнаи маскуният дорад, ки дар осори таърихӣ то замони мо расид ишора мешавад. Дар охирхои асри XVII ҳамчун воҳиди маъмури бо номи «волост» дар ҳайати уезди Самарканд ба қайд гирифта шуда буд. Соли 1913 «Волости Мастчоҳ» ба ҳайати уезди Уротеппа дохил гардид. Пас аз инқилоби Октябр соли 1924 дар ҳайати вилояти Уротеппа буд. Аз соли 1929 то соли 1956 Кӯҳистони Мастчоҳ ҳамчун ноҳияи мустақил вуҷуд дошт. Пас аз муҳоҷират ба дашти Дилварзин муддате ин маскангоҳ холи шуд ва пас аз солҳои 1970 дар натиҷаи вопас кучида омадани мардум зиндагӣ дар ноҳия эҳё шуд.

Осори маҳфузи таърихи ва тадқиқотқои бостоншиносӣ собит мекунанд, ки сокинони диёр ба фарҳанг, илм ва ҳунар таваҷҷӯҳи зиёд доштаанд. То замони мо осори хаттӣ, ҳунармандӣ, меъмории сокинони Кӯҳистони Мастчоҳ омада расидаанд. Яке аз ин ёдгориҳо Қалъаи Ҳисорак дар мавзеи Падаск аст, ки зиёда аз 2,5 ҳазор сол таърих дорад. Дар бисёр рустоҳои ин водӣ сангнавиштаҳо ёфт шудаанд. Ғайр аз ин хуллаҳои сафолине, ки аз як зумра деҳаҳо бозёфт шудаанд, гувоҳи рушди кишоварзӣ ва обёрикунии заминҳо дар ин диёр мебошанд.

Эҳёи Кӯҳистони Мастчоҳ ва рушди он баъди Истиқлолияти давлати Тоҷикистон ҳамаҷониба дастгирӣ меёбад.

## 1.3. Шароити иқлимӣ ва захираҳои табии ноҳия

Иқлими ноҳия муътадили континенталӣ буда, ҳарорати миёнаи солона +9 дараҷа. дар фасли зимистон -25-30 С$^0$ хунук ва дар фасли тобистон +30 - 35 С$^0$ гарм мебошад.

Аз ҳудуди ноҳия дарёи Зарафшон мегузарад. Захираҳои зеризаминии табиӣ аз конҳои тиллову нуқра, омехтаи сурбу нуқра, ангиштсанг, сурмаю симоб, мис, оҳаксанг, тахтасанги мармарӣ ва маводҳои сохтмон иборат аст.

Ҳудуди ноҳия аз растанӣ ва гиёҳҳои кӯҳии табобатӣ ғанӣ буда, олами ҳайвоноти он аз хирс, гург, рӯбоҳ, шағол, харгӯш, бузи кӯҳӣ, ҷайра, хукҳои ваҳшӣ, кабк ва мурғи ҳилол иборат мебошад.

## 1.4. Вазъи демографӣ

Ба ҳолати 01 январи соли 2011 аҳолии ноҳияи Кӯҳистони Мастчоҳ 21227 нафарро ташкил медиҳад.

*Ҷадвали 1. Шумораи аҳолӣ ва хонаводаҳои ноҳия аз рӯи ҷамоатҳои деҳот дар соли 2010*

| Номи ҷамоатҳо | Шумораи хонаводаҳо | Шумораи аҳолӣ | Мардҳо | Занҳо |
|---|---|---|---|---|
| Иван-Тоҷик | 2035 | 12381 | 5999 | 6382 |
| Лангар | 1608 | 8845 | 4440 | 4405 |

Аҳолии ноҳияро тоҷикон ташкил медиҳанд. Афзоиши табии аҳолии ноҳия дар се соли охир ба назар мерасад

*Ҷадвали 2. Афзоиши аҳолӣ дар солҳои 2008-2010*

| Солҳо | Шумораи умумии аҳолӣ | Афзоиши табии аҳолӣ | Таваллуд | Вафот |
|---|---|---|---|---|
| 2008 | 20780 | 337 | 418 | 81 |
| 2009 | 21154 | 512 | 581 | 69 |
| 2010 | 21227 | 394 | 476 | 82 |

Аз рӯи синну сол аҳолии ноҳия то 14 сола - 41%, миёнасол- 54% ва синни нафақа 5 фоизро ташкил медиҳад.

*Ҷадвали 3. Таркиби аҳолӣ аз рӯи сину сол дар соли 2010*

| Нишондиҳандаҳо | ҷамъ | Аз ҷумла занҳо | % занҳо |
|---|---|---|---|
| Наврасони то 14 сола | 8750 | 4195 | 47,9 |
| Миёнасолон | 11500 | 5962 | 51,8 |
| Аҳолии синну соли нафақа (63 мардон)/58 (занҳо) ва боло | 977 | 620 | 63,5 |
| ҷамъ: | 21227 | 10777 | 50,7 |

Мутобиқи дурнамо соли 2015 афзоиши аҳолии шаҳру деҳоти ноҳия муттаносибан 9 ва 7 фоизро ташкил медиҳад

*Ҷадвали 3. Нишондиҳандаҳои афзоиши аҳолии ноҳия дар солҳои 2011-2015*

| Нишондиҳандаҳо | 2011 ҳисобот | 2012 баҳо | дурнамо | | | 2015 нисбати 2011(бо%) |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | | | 2013 | 2014 | 2015 | |
| Шумораи миёнаи солона аҳолӣ, ҳамагӣ (ҳаз. нафар) аз ҷумла: | 21,5 | 22 | 22,6 | 23,2 | 23,6 | 109,7 |
| Шаҳр | | | | | | |
| Деҳот | 21,5 | 22 | 22,6 | 23,2 | 23,6 | 109,7 |

**1.5. Тамоюли асосии иҷтимоию иқтисодӣ**

Ноҳияи Кӯҳистони Мастчоҳ - яке аз минтақаҳои дурдасти ҷумҳурӣ буда, он муддати зиёд ба фаромӯшӣ афтода буд ва баъди соли 1996 имконияти рушд пайдо намуд.

Асоси иқтисодиёти ноҳияро бахши кишоварзӣ ташкил менамояд, ки дар он 84 фоизи шумораи умумии аҳолӣ машғул мебошанд. Мавқеи асосиро дар бахши кишоварзӣ картошкапарварӣ, ғаллапарварӣ, боғдорӣ ва қисман чорводорӣ ташкил менамояд. Шакли хоҷагидори дар бахши кишоварзӣ хоҷагиҳои ҷамоавӣ, деҳқонӣ, инфиродӣ ташкил медиҳанд.

Давоми 10 соли охир дар ноҳия соҳаи картошкапарварӣ, боғдорӣ ва ниҳолпарварӣ рушд кардаанд.

Новобаста аз зиёд гардидани ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ фоиданокии хоҷагидорон бо сабаби хароҷоти зиёд ҳоло на он қадар назаррас мебошад.

Саноат дар ноҳия бахши навташкилёфта ба шумор меравад. Дар ҳудуди ноҳия корхонаҳои саноатии ҶДММ «Қулла», ҶММ «Кони ангишти Ғузн», корхонаи заршуии

«Сӯҳроб» ва корхонаи «Ҳаётбахш» фаъолият доранд. Бо сабаби набудани таҷҳизоту дастгоҳҳои зарурӣ ва воситаҳои молиявӣ ҳиссаи онҳо дар иқтисодиёти ноҳия назаррас нест.

Хизматрасониҳои бахши иҷтимоӣ талаботи ноҳияро қонеъ гардонида наметавонад. Мушкилотҳои асосӣ дар бахши маориф нарасогии муаллимони фаннӣ, синфхонаҳо, маоши ночиз, набудани ҷиҳози таълимӣ, вуҷуд надоштани муассисаҳои томактабӣ ба шумор меравад. Норасогии духтурон, нокифоягии бунгоҳу марказҳои саломатӣ, набудани таҷҳизотҳои озмоишии тиббӣ мушкилиҳои асосии соҳаи тандурустӣ мебошанд.

Аз мушкилиҳои бахши ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ – нокифоя будани музди меҳнат, нафақа ва ҷубронпулиҳо ба аҳолии ниёзманд, набудани сохтори дастгирии маъюбон, зиёдшавии шумораи маъюбон (аз ҷумлаи маъюб таваллудёфта), мавҷуд набудани рақобатпазирӣ дар бозори меҳнат, дастнорас будани воситаҳои ёрирасон барои маъюбон, зиёдшавии шумораи муҳоҷирати берунаро қайд кардан лозим аст.

Бахши инфрасохтори ноҳия дар сатҳи нисбатан ногувор қарор дорад. Дар ҳудуди ноҳия оддитарин иншооту воситаҳои муҳими зист ба хусус меҳмонхона, ошхонаҳо, дорухонаҳо, нуқтаҳои фурӯши маҳсулот ва хизматрасониҳои маишӣ ва техникӣ, нақлиёти ҷамъиятӣ ва партовгоҳҳо вуҷуд надоранд.

Бояд қайд намуд, ки воситаҳои буҷетии ноҳияи Кӯҳистони Мастчоҳ ниҳоят маҳдуд буда, барои таъминоти ноҳия нокифоя мебошанд. Барои таъмини буҷети маҳаллӣ ҳар сол аз ҳисоби буҷети ҷумҳуриявӣ ва вилоятӣ субсидияҳо ҷудо карда мешаванд.

Дар ноҳия якчанд ташкилотҳои ҷамъиятию байналмилалӣ ба монанди БРСММ, Агроаксияи Олмон, GTZ, Фонди Оғохон, FAO, ТҶ «Нилуфар», «Мададгорӣ», «Эҳёи Кӯҳистон», Шӯрои рушди ноҳия ва МДҶ-ҳо фаъолият намуда истодаанд.

## 1.6. Биниши рушди ноҳияи Кӯҳистони Мастчоҳ

*Ноҳияи Кӯҳистони Мастчоҳ – яке аз ноҳияҳои дорои обу ҳавои аз ҷиҳати экологи тоза, табиати диққатҷалбкунанда бо тамоюли рушди устувори бахши кишоварзӣ аст.*

*Он маркази картошкапарварии ҷумҳурӣ, бо соҳибкории рушдкунанда дар соҳаи туризм, бо сатҳи қобили таваҷҷӯҳи зиндагӣ ва дастраси ба хизмати иҷтимоӣ мебошад.*

Биниши мазкур дар асоси *СВОТ*-таҳлили тарафҳои қавӣ, заиф, инконияхҳо ва хатарҳои ноҳия таҳия гардидааст.

*СВОТ – таҳлили ноҳияи Кӯҳистони Мастчоҳ*

| | Тарафҳои қавӣ | Тарафҳои заиф |
|---|---|---|
| **Омилҳои дохилӣ** | – Мавҷудияти заминҳои серҳосил;<br>– Табиати зебо ва боду ҳавои тоза;<br>– Мавҷуд будани қувваи корӣ;<br>– Мардуми меҳнаткаши ташаббускор<br>– Мавҷудияти захираҳои бойи табиӣ (ангишт, тилло, мармар, об, гач);<br>– Мавҷуд будани деҳқонҳои пуртаҷриба;<br>– Маҳсулотҳои хуштаъми кишоварзӣ<br>– Мавҷуд будани техникаҳои кишоварзӣ;<br>– Мавҷуд будани бунгоҳи тиббӣ ва мактабҳо;<br>– Мавҷуд будани корхонаи хурди шарбати мева;<br>– Мавҷуд будани гиёҳҳои шифобахш<br>– Рӯзномаи маҳаллӣ;<br>– Фаъолияти меҳнати хонагӣ;<br>– Мавҷудияти ташкилотҳои қарздиҳии хурд. | – Дур будан аз маркази ҷумҳурӣ ва вилоят;<br>– Норасогии кадрҳои баландихтисос;<br>– Набудани роҳҳои мумфарш ва таъмирталаб будани роҳҳо;<br>– Норасогии тухмии хушсифат;<br>– Нокифоя ва фарсуда будани техникаҳои кишоварзӣ;<br>– Суст ривоҷ ёфтани соҳибкорӣ;<br>– Вуҷуд надоштани нақлиёти ҷамъиятӣ;<br>– Дастрас набудани хизматрасониҳои иҷтимоӣ (маориф, тандурустӣ, ҳифзи иҷтимоӣ);<br>– Имкониятҳои маҳдуди буҷети маҳаллӣ;<br>– Набудани ҷойҳои кории зарурӣ ва нокифоягии музди меҳнат;<br>– Даромаднокии пасти хоҷагиҳои кишоварзӣ;<br>– Фоизҳои баланд ва мӯҳлатнокии ками қарздиҳии хурд;<br>– Набудани шабакаи ИНТЕРНЕТ; |

| | | |
|---|---|---|
| | | – Фарогирии пасти шабакаҳои телевизионии ҷумҳурӣ;<br>– Норасогии қувваи барқ;<br>– Вуҷуд надоштани системаи дурусти оби нушокӣ ва ташноб;<br>– Вуҷуд надоштани инфрасохтори сайёҳӣ ва меҳмонхонаи замонавӣ. |
| **Омилҳои беруна** | **<u>Имкониятҳо</u>** | **<u>Хатарҳо</u>** |
| | – Таҳия ва татбиқи Барномаи рушди ноҳия;<br>– Бунёди шоҳроҳи Душанбе-Чанак;<br>– Мавҷудияти Барномаи давлатии бунёди муассисаҳои таълимӣ;<br>– Мавҷудияти стратегияи комплексии саломатии аҳолии Ҷ Т барои солҳои 2010-2020;<br>– Мавҷудияти квотаи Президентӣ барои қабул ба макотиби олӣ;<br>– Баландшавии нархи маҳсулоти кишоварзӣ;<br>– Мавҷудияти барномаи рушди туризм дар Ҷумҳурии Тоҷикистон;<br>– Мавҷудияти Барномаи сохтмони НОБ -и калон ва хурд дар дарёи Зарафшон;<br>– Аз ҷониби Ҳукумати ҷумҳурӣ маблағгузорӣ шудани корҳои ҷустуҷӯӣ – иктишофии конҳои металҳои қиматбаҳо. | – Офатҳои табиӣ (сел, тарма, шустани соҳилҳо, ярч, хушксолӣ);<br>– Ҳашароти зараррасон;<br>– Тағйирёбии иқлим;<br>– Баландшавии нарх (сатҳи таваррум);<br>– Баланд гардидани тарифҳои роҳ;<br>– Таъсири манфии бӯҳрони иқтисодӣ;<br>– Зиёдшавии муҳоҷирати меҳнатӣ берун аз марзи ноҳия;<br>– Маҳдудият дар таъминоти барқ. |

# БОБИ 2. ТАҲЛИЛИ ҲОЛАТ ВА ШАРҲИ САМТҲОИ АСОСИИ РУШД

## 2.1. Иқтисодиёт

### 2.1.1. Кишоварзӣ

**Аҳамият барои ноҳия.** Кишоварзӣ соҳаи асосӣ ва муҳими ноҳия буда, дар он парвариши картошка, ғалладонагиҳо, хуроки чорво, боғдорӣ ва ғайра ба роҳ монда шудааст.

70 фоизи ҳаҷми умумии истеҳсоли маҳсулот ва хизматрасонии ноҳия ба соҳаи кишоварзӣ рост меояд ва 87 фоизи аҳолии қобили меҳнад дар ин бахш машғуланд.

**Шакли фаъолияти бахши кишоварзӣ.** Дар натиҷаи татбиқи ислоҳоти бахши кишоварзӣ 34 хоҷагиҳои деҳқонии ҷамъиятӣ, 116 хоҷагиҳои деҳқонии инфиродӣ ва 3637 нафар хоҷагиҳои хонаводагӣ ташкил шудаанд.

Яке аз омилҳое, ки ба рушди бахши кишоварзӣ мусоидат менамояд, ин таъминоти техникии он ба шумор меравад, ки дар айни ҳол бинобар фарсудаю корношоям гардидани техникаи кишоварзӣ талаботи соҳаро қонеъ гардонида наметавонад. Айни замон, дар ноҳия 71 трактор (аз он 3 ададаш тасмачархи шудгоркунанда ва 68 ададаш ғилдиракдор), 525 адад нақлиёти автомобилӣ (аз он 57 ададаш корношоям), 104 адад ядакҳои тракторӣ (аз он 25 ададаш корношоям), 3 адад тухмипошак ва 144 адад сипорҳои тракторӣ (аз он 58 адад корношоям) мавҷуд ҳастанд.

Саҳми созмонҳои байналмиллалӣ дар рушди соҳа назаррас аст. Аз ҷумла Агроаксияи Олмон якчанд сол боз дар ноҳия фаъолият мебарад. Бо ташаббуси он Ассосиатсия картошкапарварони ноҳияи Кӯҳистони Мастчоҳ таъсис ёфта, дар таъмини деҳқонҳо бо тухмӣ ва нуриҳои минералӣ саҳми арзанда мегузарад.

**Истифодабарии заминҳо.** Аз майдони умумии заминҳо, ки 94274 га-ро ташкил медиҳад ҳамагӣ 3512 гектари он дар бахши кишоварзӣ истифода мегардад, ки аз он 2881 гектар заминҳои корами обӣ ва 133 гектар заминҳои лалмӣ 498 гектар боғ ва 90762га чарогоҳ мебошанд. Заминҳои корами обӣ асосан барои кишти картошка, сабзавот ва зироатҳои хӯроки чорво истифода бурда мешаванд.

Ҳаҷми умумии заминҳои хоҷагии хонаводаҳо 825 гектарро ташкил менамояд, ки 51,5 фоизи он заминҳои наздиҳавлигӣ ва 50,5 фоизи он заминҳои президентӣ (барои мақсадҳои кишт) ба ҳисоб мераванд.

*Диаграммаи №1. Сохтори заминҳои ноҳия дар соли 2010*



*Диаграммаи 2. Истифодабарии заминҳои таъиноти кишоварзӣ дар соли 2010*




*Ҷадвали 4. Майдони заминҳо аз рӯи истифодабарандагон дар соли 2010*

| № | Намуди замин | Масоҳат (га) |
|---|---|---|
| 1. | Заминҳои Президентӣ | 400 |
| 2. | Заминҳои наздиҳавлигӣ | 425 |
| 3. | Хоҷагиҳои деҳқонӣ | 2687 |
| | ҲАМАГӢ: | 3512 |

Дар баробари ин солҳои охир ҳиссаи майдони кишти ғалладона, зироатҳои хуроки чорво кам гардида истодааст, ҳамзамон майдони кишти картошка, меваҷот ва сабзавот зиёд шуда истодаанд. Сабаби асосии кам гардидани майдонҳои кишти ғалладона ва зироатҳои хуроки чорво ин фоидаовар набудани онҳо мебошанд.

*Диаграммаи №3. Майдонҳои кишти заминҳо*
*аз рӯи намудҳои зироат дар солҳои 2008-2010 (га)*




***Растанипарварӣ.*** Ҳаҷми маҳсулоти кишоварзӣ дар соли 2010 - 108,9 млн. сомониро ташкил намудааст, ки 80,7 фоизи онро растанипарварӣ дар бар мегирад. Аз рӯи намудҳои зироатҳои кишоварзӣ картошка ҳиссаи назаррас, яъне зиёда аз 75 фоизро ташкил менамояд.

*Диаграммаи №4. Ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти растанипарварӣ дар солҳои 2008-2010 (тонна)*




Гарчанде истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ дар солҳои охир зиёд гардида бошад ҳам, аз рӯи баъзе намудҳои зироат ба монанди картошка ва сабзавот ҳосилнокӣ кам гардидааст. Сабаби асосии он норасогии тухмиҳои хушсифат, мавҷуд набудани хоҷагиҳои тухмипарварӣ, гаронии нархи сӯзишвори ва саривақт дастрас нагардидани онҳо барои коркарди замин, норасогӣ ва гаронии нархи нуриҳои минералӣ ва заҳрхимикатҳо ва сари вақт нагузаронидани корҳои агротехникӣ мебошанд.

*Диаграммаи №5. Ҳосилнокии зироатҳои асосии кишоварзӣ дар солҳои 2008-2010(с/га)*




Бояд қайд кард, ки дар беҳтар кардани маданияти деҳқонӣ ва дастрасии тухмиҳои зироатҳои кишоварзӣ, саҳми ташкилотҳои байналхалқи намоён аст, айни замон масъалаи мазкур ба пурраги ҳалли худро наёфтааст ва баҳри такмили он пешниҳод ва амали гардонии барномаҳое заруранд, ки барои беҳтар намудани сифати тухмии картошка ва баланд бардоштани ҳосилнокии он, ташкили хоҷагиҳои алоҳидаи тухмипарарӣ равона шуда бошад.

**Обёрии заминҳо.** Дар ҳудуди ноҳия айни ҳол 6,0 ҳазор гектар заминҳо умуман обёрӣ карда намешаванд. Дар заминҳои мазкур имконияти бо об таъмин кардан ва ба роҳ мондани кишти зироатҳои кишоварзӣ вуҷуд дорад. Барои ин иншоотҳои обрасониро васеъ

ва зиёд намудан лозим аст. Сохтмони канал ва ҷуйҳо дар худуди ноҳия (деҳаҳои Муждиф, Падаск, Мадрушкат, Эсизи-Поён, Худгифи-Соя, Ғузн, Ҳадишаҳр, Истошон, Самҷон, Виткон) имкон медиҳад, ки зиёда аз 1160га замин обёрӣ карда шавад.

**Чорводорӣ.** Парвариши чорво дар ноҳия бештар дар хоҷагиҳои хонаводаҳо ба роҳ монда шудааст. Истеҳсоли маҳсулоти ин соҳа дар солҳои охир майли зиёдшавӣ дорад.

*Ҷадвали 4. Ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти чорводорӣ дар солҳои 2008-2010*

| Номгӯи маҳсулот | Воҳиди ченак | Солҳо | | |
|---|---|---|---|---|
| | | 2008 | 2009 | 2010 |
| Гӯшт бо вазни зинда | тонна | 1164 | 1171 | 1172 |
| Шир | тонна | 5350 | 5361 | 5363 |
| Тухм | ҳаз. дона | 543 | 547 | 548 |
| Асал | тонна | 4 | 1 | 1,8 |
| Пашм | тонна | 48 | 50 | 52 |

Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки саршумори моли майда дар ҳудуди ноҳия нисбат ба Ҳайвони калони шохдор зиёд мебошад.

*Ҷадвали 5. Саршумори чорво дар солҳои 2009-2010*

| Номгӯй | Соли 2009 | | Соли 2010 | |
|---|---|---|---|---|
| | хоҷагиҳои деҳқонӣ | хоҷагии хонаводаҳо | хоҷагиҳои деҳқонӣ | хоҷагии хонаводаҳо |
| Ҳайвони калони шохдор | 173 | 11618 | 174 | 11786 |
| аз ҷумла модагов | 40 | 5895 | 50 | 5935 |
| Моли майда (бузу гусфанд) | 16298 | 59306 | 14821 | 61546 |
| Асп | 14 | 205 | 14 | 208 |
| Парранда | - | 6625 | - | 6635 |
| Замбури асла (оила) | 40 | 80 | 40 | 140 |

Рушди соҳаи чорводорӣ ва паррандапарварӣ аз хизматрасонии байторӣ ҷиҳати сари вақт пешгирӣ намудани касалиҳои сирояткунанда, вобастагии калон дорад.

Дар ноҳия Кӯҳистони Мастчоҳ касалиҳои сиёҳрон (эмкар-қарасон), зардкасал (лептоспироз), ҳорӣ (бешенство), вабои сумдарди ҳайвонот, буруселёз (буғумдард) ва дигар касалиҳо дар байни чорвои калон ва моли майда, ҳамзамон вабои мурғҳои хонагӣ (псевдочума) ба мушоҳида мерасад.

Сабабҳои гирифтори чорво ба ин касалиҳо пеш аз ҳама набудани таҷҳизот ва техникаи зарурӣ, нарасидани мутахассисони баландихтисос, баланд будани нархи доруворӣ, мушкил будани дастрасии доруворӣ ва мавҷуд набудани дорухонаи байторӣ мебошад. Дар айни замон, ташкил намудани нуқтаҳои хизматрасонии байторӣ (дар сатҳи ҷамоатҳо) бо назардошти меъёрҳои маъмулӣ мувофиқи мақсад мебошад.

Албатта, нокифоя будани маблағгузорӣ ба соҳаи мазкур имконият намедиҳад, ки мушкилоти бамиёномада вобаста ба пешгирии касалиҳои сирояткунанда дар байни чорвои ҷамъиятӣ ва шахсӣ, хушзоткунонии насли чорво, ташвиқу тарғиби таҷрибаҳои пешқадам ва дар амал татбиқ намудани дастовардҳои илми байторӣ чораҳои саривақтӣ андешида шавад.

Бо вуҷуди сол то сол зиёд шудани саршумори чорвои калон ва майда, забҳи он ҳанӯз ягон коргоҳи коркарди пӯст, пашм ва узвҳои дохилии чорво мавҷуд нест, ки ин боиси афзудани партов ва паҳн шудани бемориҳои сироятӣ мегардад. Ташкили чунин коргоҳ барои ноҳияҳои Кӯҳистони Мастчоҳ ва Айнӣ барои беҳдошти сатҳи рӯзгори аҳолӣ тавассути коркарди маҳсулоти чорво мусоидат менамояд.

***Дурнамо.*** Мутобиқи нишондиҳандаҳои дурнамо сатҳи рушди истеҳсолоти кишоварзӣ дар соли 2015 бояд 112,8 фоизро нисбати соли 2011 (105,3 млн сомонӣ) аз ҷумла растанипарварӣ – 110,6% аз ҳисоби интенсификатсияи истеҳсолот (кам кардани майдони кишт ва зиёд намудани ҳосилнокӣ), чорводорӣ - 119,7% аз ҳисоби афзоиши кишти зироати хӯроки чорво ва саршумор ташкил диҳад.

*Ҷадвали 6. Нишондодҳои дурнамои ҳосилнокии зироатҳои асосии кишоварзӣ ва маҳсулотноки чорво дар солҳои 2011 -2015*

| Нишондодҳо | с.2011 ҳисобот | с.201 баҳо | дурнамо | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | | | с.2013 | с. 2014 | с.2015 | 2015нисбати 2011(%) |
| Ҳосилнокии зироатҳо | | | | | | |
| Ғалла – с/га | 32,7 | 42,3 | 46,2 | 47,2 | 50 | 152,9 |
| Аз ҷумла гандум – с\га | 31,8 | 32,5 | 34,3 | 37,5 | 40 | 125,7 |
| Картошка- с\га | 345 | 347 | 348 | 350 | 355 | 102,3 |
| Сабзавот - с/га | 342 | 435 | 450 | 475 | 480 | 140,3 |
| Мева -с\га | 87,3 | 87,6 | 88 | 93,8 | 94 | 107,6 |
| Истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ | | | | | | |
| Ғалла – 8\т | 1,6 | 2,2 | 2,4 | 2,5 | 2,7 | 161,6 |
| Аз ҷумла гандум –х/т | 0,99 | 1,0 | 1,1 | 1,2 | 1,3 | 131,3 |
| Картошка –х/т | 69 | 70,1 | 70,6 | 71,4 | 73 | 105,6 |
| Сабзавот – х/т | 0,86 | 0,87 | 0,90 | 0,95 | 1,0 | 116,3 |
| Мева – х\т | 4,3 | 4,5 | 4,7 | 5,2 | 5,4 | 125,6 |
| Саршумори чорвои маҳсулдеҳ ва паранда | | | | | | |
| Чорвои калони шохдор х\сар | 12,3 | 12,5 | 12,7 | 13 | 13,2 | 107,3 |
| Аз саршумори умумӣ модагов – х/сар | 6,0 | 6,1 | 6,3 | 6,4 | 6,5 | 107,3 |
| Гӯсфанд ва буз – х\ сар | 76,5 | 77 | 78 | 79 | 80 | 104,5 |

Соли 2015 нисбати соли 2011 афзоиши ҳосилнокии зироатҳои асосии кишоварзӣ, аз ҷумла картошка – 2,8, гандум – 52,9, мева 7,6% пешбинӣ шудааст.

*Ҷадвали 7. Дурнамои истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ дар солҳои 2011-2015 (млн. сомонӣ)*

| Нишондиҳандаҳо | 2011 ҳисобот | 2012 баҳо | дурнамо | | | 2015 нисбати 2011 (%) |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | | | 2013 | 2014 | 2015 | |
| Истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ | 105, 3 | 109,13 | 112,04 | 115,03 | 118,81 | 112,8 |
| Аз ҷумла: растанипарварӣ | 80,5 | 83,1 | 84,8 | 86,55 | 89,1 | 110,6 |
| Чорводорӣ | 24,8 | 26,03 | 27,24 | 28,48 | 29,71 | 119,7 |

### 2.1.2. Саноат

Саноат соҳаи навтаъсиси ноҳия буда, дар соли 2010 ҳаҷми маҷмӯи маҳсулоти саноатии ноҳия 84,6 ҳаз. сомониро ташкил дода аст, ки нисбати соли 2009 - 11,3 фоиз зиёд мебошад. Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки дар тӯли се соли охир ҳаҷми маҷмӯи маҳсулоти саноати ба 134,3 фоиз афзудааст.

*Диаграммаи №6: Афзоиши ҳаҷми маҷмӯи маҳсулоти саноат (ҳаз.сомонӣ)*



Шумораи кормандони соҳаи саноат дар соли 2010 ба 58 нафар расида, нисбат ба соли 2008 -145 фоиз афзудааст. Мусбӣ анҷом ёфтани натиҷаи корҳои тадқиқотию геологӣ эҳтимолияти зиёд шудани шумораи кормандони 2 корхонаи саноатиро таъмин хоҳад кард.

*Ҷадвали №8. Ҳолати корхонаҳои саноатии ноҳия (ба 1.01.11)*

| № | Номгӯи корхонаҳо саноатӣ | Намуди фаъолият ё маҳсулоти истеҳсол-да | Иқтидори лоиҳавӣ (тонна) | Иқтидори воқеӣ (тонна) | Ҳолати инноватсионӣ | Истеъмолгон |
|---|---|---|---|---|---|---|
| 1. | ҶДММ «Қулла» | Истихроҷи тилло | 50 | корҳои ҷустуҷуию тадқиқотӣ | Хуб аст | Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон |
| 2. | Кони ангишти «Ғузн» | Истихроҷи ангиш | 60 млн. | 700 | Хуб нест | Аҳолӣ ва корхонаҳои ноҳия |
| 3. | Корхонаи «Суҳроб» | Истихроҷи тилло | 20 | корҳои ҷустуҷуию тадқиқотӣ | Хуб аст | Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон |
| 4. | Корхонаи «Ҳаётбахш» | Шарбати мева | 12000 банкаи шартӣ | 10500 банкаи шартӣ | Хуб аст | Аҳолӣ ва корхонаҳои ноҳия |

Дар ҳолати пурра бо иқтидорҳои мавҷуда пурра фаъолият намудани корхонаҳои саноатии ноҳия боиси зиёд шудани ҳиссаи саноат дар ҳаҷми маҷмӯи маҳсулоти ноҳия мегардад.

*Ҷадвали №9. Истеҳсоли ва фурӯши маҳсулоти асосии саноатӣ дар ноҳия дар солҳои 2008-2010*

| № р/т | Нишондиҳандаҳо | Вохиди ченак | 2008 | 2009 | 2010 | 2010 нисбати 2008 бо % |
|---|---|---|---|---|---|---|
| 1. | Истеҳсоли ангиштсанг | тонна | 520 | 646 | 651 | 125,2 |
| 2. | Фурӯши ангиштсанг | ҳаз. с | 63960 | 88502 | 94395 | 1,5 м |
| 3. | Истеҳсоли шарбат | б/ш | - | - | 10500 | - |
| 4. | Фурӯши шарбат | ҳаз.с | - | - | 47,250 | - |
| 5. | ҶДММ «Қулла» | ҳаз.с | 400 | 450 | 480 | 120 |

**Маълумот дар бораи корхонаҳо**

**ҶДММ «Қулла»**

Корхонаи муштараки тоҷикию британӣ соли 2006 дар ҳамкорӣ бо ширкати *«САДЛБЕК–Гоулд майнинг корпорейшейн»-и Бритониёи Кабир* барои истихроҷи металҳои қиматбаҳо ташкил шудааст.

Дар коргоҳ 40 нафар кормандаон кор мекунанд. Дар сурати мусбӣ анҷом ёфтани корҳои омӯзиши геологӣ шумораи коргарон ба 800 нафар мерасад. Мушкили дар ин корхона набудани алоқа мебошад, зеро маҳали фаъолияти корхона дар Тагоби Табаспин, дар баландии 4000 метр аз сатҳи бахр ҷойгир аст.

**Кони ангишти «Ғузн»** ба истеҳсоли ангишт барои таъмин намудани муассисаҳои таълимиву табобатии ноҳия, ташкилотҳои буҷавӣ ва аҳолӣ машғул аст. Мувофиқи маълумоти мутахассисони захираи табии ин кон 60 млн. тоннаро ташкил медиҳад. Бо васеъ намудани иқтидори истеҳсолияш метавонад тамоми мавзеи Кӯҳистони Мастчоҳ ва як қисми ноҳияи Айнӣ ва ноҳияи Ғончиро бо ангишти хушсифат таъмин намояд.

Мушкилоти корхона нарасидани техникаи замонавии коркард ва истеҳсоли ангишт, нарасидани маблағ, дурии роҳи байни корхона ва истеъмолкунандагон мебошад. Муҳаё сохтани техникаи зарурӣ, дарёфти манбаҳои маблағрасон метавонад ба болоравии иқтидори истеҳсолии корхона такони ҷиддие диҳад.

Ғайр аз ин, манбаи боэътимоди захираи ангишт дар тагобаҳои Оббурдон, Сурхкат, Ревад, Табаспин, Яхруд, Пакшиф, Палдорак мавҷуданд, ки бо ба кор андохтани ин манбаҳо дараҷа ва сифати таъмини муассисаҳо ва аҳолиро бо сузишворӣ баланд бардошта, буҷаи ноҳиявӣ низ ғанӣ мегардад.

**Корхонаи «Ҳаётбахш»** аз соли 2010 ба фаъолият пардохта, сол то сол иқтидорашро афзун менамояд. Фаъолияти коргоҳ мавсимӣ буда, тобистону тирамоҳ маҳсулот қабул мекунад. Корхона ба истеҳсоли нӯшобаҳо ва меваи хушк махсус гардонида шуда аст. Мушкилоти асосии коргоҳ набудани таҷҳизоти газноккунии нӯшобаҳо, барои хунуккунӣ ва нигаҳдории маҳсулот, филтрҳои тозакунӣ ва майдакунии маҳсулот мебошад.

Барои таъмини рушди соҳаи саноати ноҳия омилҳои зерин монеа мешаванд: дурии роҳ аз ноҳия то маркази ҷумҳурӣ, (ба арзиши аслии маҳсулот таъсир мерасонд) норасоии мутахассисон, норасоии менеҷмент ва маркетинги босамар, ҳамкории суст бо сармоягузорон, норасоии таҳияи бизнес - нақшаҳо ҷиҳати ҳалли мушкилоти мавҷуда, маҳдудият дар таъминоти барқ, норасогии маблағ барои афзоиши истеҳсоли маҳсулот.

Дар ноҳия зарурати таъмини рушди корхонаҳое мавҷуд аст, ки бо ашёи хоми маҳаллӣ кор мекунанд. Ҳамчунин барои ташаккули корхонаҳои хурди истеҳсолӣ замина омода бояд кард.

**Дурнамо.** Мутобиқи нишондиҳандаҳои дурнамои МИХД-и ноҳия афзоиши ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ соли 2015 нисбати соли 2011 бо ба истифода додани иқтидорҳои нави истеҳсолӣ ва татбиқи технологияҳои ҳозиразамони коркарди ашёи маҳаллӣ бояд 39,1 фоизро ташкил диҳад.

*Ҷадвали 10. Нишондиҳандаҳои дурнамои афзоиши ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ дар солҳои 2011-2015 (ҳаз. сомонӣ)*

| Нишондодҳо | 2011. ҳисобот | 2012 баҳо | дурнамо | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | | | 2013 | 2014 | 2015 | 2015 нисбати 2011(%) |
| Маҳсулоти саноати (кор ва хизматрасонӣ) бо нархҳои яклухт (ҳамагӣ) | 319 | 441 | 692 | 704 | 895 | 239,1 |
| Аз ҷумла дар соҳаҳо | | | | | | |
| Сӯзишворӣ | 86 | 97 | 100 | 104 | 110 | 138,7 |
| Хизматрасонӣ, нерӯи барқ | 239 | 270 | 297 | 369 | 486 | 193 |
| Электроэнергетика | | 20 | 21 | 22 | 25 | 125 |

Афзоиши истеҳсоли намудҳои асосии маҳсулоти саноати соли 2015 нисбати соли 2011 аз ҷумла ангишт- 39,3% маҳсулоти консерва 5 маротиба пешбинӣ шудааст.

*Ҷадвали 11. Нишондиҳандаҳои афзоиши ҳаҷми маҳсулоти саноатӣ аз рӯи намудҳои асосӣ дар солҳои 2011 -2015 (дар шакли натуравӣ)*

| Нишондодҳо | с. 2011 ҳисобот | с. 2012 баҳо | дурнамо | | | с.2015 нисбати с. 2011 (%) |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | | | с.2013 | с.2014 | с.2015 | |
| ҶММ «Кони ангишти Ғузн» | 610 | 750 | 775 | 800 | 850 | 139,3 |
| ҶММ «Шарбатҳои Ҳаётбахш» | 5,0 | 12,0 | 154,0 | 18,0 | 25,0 | 5 баробар |
| Дигар маҳсулоти саноатӣ | - | 6,0 | 6,0 | 7,0 | 10,0 | 10 баробар |

### 2.1.3. Соҳибкории хурду миёна. (СХМ)

***Саҳми соҳибкорӣ дар иқтисодиёти ноҳия.*** Рушди соҳибкории хурду миёна (СХМ) барои иқтисодиёти ноҳия саҳми муҳим дорад. Сол то сол ҳиссаи бахши хусусӣ дар истеҳсоли маҷмӯи маҳсулоти умумии ноҳия меафзояд.

*Диаграммаи №7:Ҳаҷми истеҳсоли маҳсулот ва хизматрасони СХМ (млн. сомонӣ)*




Ҳамаи корхонаҳо дар ноҳия ғайридавлатӣ мебошанд. Ҳиссаи бахши хусусӣ дар соҳаҳои кишоварзӣ, саноат ва хизматрасонӣ назаррас мебошанд. Қисми зиёди аҳолии қобили меҳнати ноҳия дар ин соҳаҳо машғул мебошад.

*Диаграммаи №8: Ҳиссаи истеҳсоли маҳсулоти СХМ аз рӯи соҳаҳо(бо%)*




Дар корхонаҳои хусусии ноҳия 7982 нафар (аз онҳо 2928 нафар ё 36,7% занон) машғули коранд. Мутобиқи дурнамо то соли 2015 шумораи кормандони соҳаи СХМ - 20 фоиз меафзояд.

*Ҷадвали №12 Нақши СХМ дар таъмини шуғли аҳолӣ аз рӯи соҳаҳо*

| Соҳаҳо | Шумораи субъектҳои бақайдгирифта | | Шуғл | |
|---|---|---|---|---|
| | Шахси ҳуқуқӣ | Шахси воқеӣ | Шумораи ҷои корӣ | Ҳисса аз шумораи умумии шуғл |
| Кишоварзӣ | 34 | 120 | 7090\2926 | 88,8 |
| Нақлиёт | 2 | 20 | 20 | 0,3 |
| Савдо | | 11 | 11 | 0,1 |
| Хизматрасонӣ | 1 | 1 | 1 | - |
| Сохтмон | 5 | - | 7 | 0,08 |
| Маблағгузорӣ | 2 | - | 13 | 0,2 |
| Ҳамагӣ: | 44 | 92 | 7142/2928 | 89,4 |
| Ҳамагӣ шуғл | 4000 | 3982 | 7982/2928 | |

Бахши хизматрасонӣ аз нуқтаҳои фурӯши молҳои ниёзи мардуми иборат аст. СХМ дар ғани гардонидани буҷет нақши муҳим дорад.

*Диаграммаи №9 Даромад ба буҷети аз ҳисоби СХМ*




Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки ҳарчанд ҳаҷми истеҳсоли маҳсулот ва хизматрасонӣ аз ҷониби соҳибкорон афзудааст бошад ҳам, вале шумораи онҳое, ки соҳиби патент ҳастанд, кам мешавад.

Масалан, агар соли 2009 - 105 соҳибкор ба қайд гирифта шуда бошад, соли 2010, ҳамагӣ 92 нафар ба қайд гирифта шудааст.

Сабаби асосии ин раванд дар масофаи дур дар ноҳияи Айнӣ (80-90км) воқеъ будани бахши бақайдгирии «Равзанаи ягона» аст, ки вақту хароҷоти иловагиро мехоҳад.

Ноҳия барои рушди сайёҳии экологӣ, кӯҳӣ ва этникӣ имкониятҳои васеъ дорад. Дар васеъ намудани доираи сайёҳӣ, хизматрасонии шоиста ба сайёҳон, ташкили инфрасохтори муносиб, соҳибкорон метавонанд саҳм гузоранд. (меҳмонхонаҳо, нуқтаҳои савдо, ҳаммом барои сайёҳон, армуғонҳо, маводи тарғиботи – рекламавӣ ва ғ.)

*Ҷадвали №13. Дурнамои рушди СХМ*

| Нишондиҳандаҳо | 2011 ҳисобот | 2012 баҳо | Дурнамо | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | | | 2013 | 2014 | 2015 | 2015 нисбати 2011(%) |
| Шумораи коргоҳҳои дорои то 15 ҷои кор (ғайр аз хоҷагиҳои деҳқонӣ) | 2 | 2 | 2 | 2 | 2 | 100 |
| Шумораи коргоҳҳои дорои 50 ҷои кор (ғайр аз х\деҳқонӣ) | 2 | 2 | 2 | 2 | 2 | 100 |
| Шумораи соҳибкорони инфиродӣ | 108 | 117 | 120 | 125 | 130 | 120,3 |
| Аз ҷумла | | | | | | |
| Фаъолият бо шаҳодатнома | 73 | 80 | 80 | 83 | 85 | 116,4 |
| Бо патент | 35 | 37 | 40 | 42 | 45 | 128,5 |

***Мушкилоти СХМ.*** Сабаби суст инкишоф ёфтани соҳибкории хурду миёна ба мавқеи ҷойгиршавии ҷуғрофии ноҳия вобастагии зич дорад. Яъне дар масофаи дур ҷойгир будани ноҳия аз маркази вилоят ва ҷумҳурӣ, болоравии нархҳои сузишворию равғанҳои молиданӣ, фоизи баланди қарзҳои бонкӣ, маҳдуд будани бозори дохила ва меъёрҳои баланди андоз марбут аст. Инчунин суст будани фаъолияти ассотсиатсияи соҳибкорон, ҳимоя нашудани манфиатҳои ҳуқуқҳои онҳо, маърифати пасти ҳуқуқии онҳо, пулаки шудани шоҳроҳи Душанбе -Чанак ба фаъолияти соҳибкорон халал мерасонад.

Барои таъмини рушди бемайлони соҳибкории хурду миёна дар ноҳия андешидани тадбирҳои зерин мувофиқи мақсад мебошад. Пешниҳоди қарзҳои хурд барои рушди соҳа аз ҳисоби Марказҳои дастгирии ҷамоатҳои ноҳия, ташкили шароити мусоид барои муассисаҳои қарздиҳи хурд дар ноҳия, таъмини соҳибкорон ба қарзҳои имтиёзнок,

ҷалби сармоягузорони потенсиалӣ барои воридсозии технологияи пешқадам, ташаккули системаи пешбурди лоиҳаҳои инвеститсионӣ, муҳити созгори инвеститсионӣ ва ташкили шароит барои таъсиси корхонаҳои муштарак дар ҳудуди ноҳия хизматрасонӣ ба СХМ мебошад.

Бо мақсади дастгирии бахши хусусӣ дар ноҳия аз ҷониби филиалҳои ноҳиявии «Амонатбонк», «Тоҷикпромбонк», «Тоҷиксодиротбонк» ва ташкилоти қарздиҳии хурди «Рушди водии Зарафшон» фаъолият мебаранд. Соли 2010 аз тарафи бонкҳо ба 389 нафар кишоварзон ба маблағи 1552,7 ҳазор сомонӣ қарзҳои кӯтоҳмуддат дода шуд. Илова бар ин, аз тарафи ТҚХ «Рушди водии Зарафшон» дар ин давра 645,5 ҳазор сомони ба 380 нафар қарзи кӯтоҳмуддат дода шудааст.

*Ҷадвали 14. Маълумот оид ба қарзгири дар солҳои 2008-2010 (ҳаз.сомонӣ)*

| Номгӯи ташкилотҳо | солҳо | ҳарзи додашуда | Шумораи қарзгирандагон | аз ҷумла | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | | | растанипарварӣ | чорводорӣ | соҳибкорӣ | замбурпарварӣ |
| БДА «Амонатбонк» | 2008 | 794.4 | 146 | 758 | 36.4 | - | - |
| | 2009 | 674.5 | 236 | 634.5 | 30 | - | 10.0 |
| | 2010 | 730.0 | 272 | 698.1 | 21.9 | - | 10.0 |
| ҳамаги: | X | 2198.9 | 654 | 2090.6 | 88.3 | - | 20.0 |
| БДА «Амонатбонк» | 2008 | 219.0 | 53 | 209.0 | - | - | 10.0 |
| | 2009 | 229.0 | 83 | 219.0 | - | - | 10.0 |
| | 2010 | 242.0 | 97 | 232.0 | - | - | 10.0 |
| Ҳамаги: | X | 690.0 | 203 | 660.0 | - | - | 30.0 |
| ҶСК «Тоҷиксодиротбонк» | 2010 | 555.0 | 117 | 455.0 | 120.0 | - | 10.0 |
| ҶСК «Тоҷикпромбонк» | 2009 | 196.0 | 21 | 106.0 | - | - | - |
| ФКХ «Рушди Зарафшон» | 2008 | 323.5 | 391 | 72.5 | 194.0 | 57.0 | - |
| | 2009 | 610.1 | 610 | 216.0 | 60.0 | 335.5 | - |
| | 2010 | 645.5 | 380 | 272.0 | 50.0 | 323.5 | - |
| Ҳамагӣ: | x | 1579.1 | 1381 | 729.5 | 167.0 | 682.6 | - |

## 2.1.4 Стратегия ва вазифаҳо дар бахши иқтисод. Кишоварзӣ (ҳазор сомонӣ)

| Ҳадаф | Вазифа | Чорабиниҳо/Лоиҳаҳо | Арзиши умумӣ (ҳаз. сомонӣ) | Солҳо | | | | | Масъул | Сарчашмаҳои маблаггузорӣ | Натиҷаҳои пешбинишаванда |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | | | 2011 | 2012 | 2013 | 2014 | 2015 | | | |
| Баланд бардоштани фоиданокии бахши кишоварзӣ ва таъмини рушди он | Беҳтар кардани системаи обрасонӣ | ***ҲАМАГӢ:*** | ***23454,5*** | ***3144,5*** | ***4860*** | ***5230*** | ***5260*** | ***4960*** | | | |
| | | *Сохмони канал ва азхудкунии заминҳои д. Муҷдиф* | 800 | 100 | 200 | 200 | 250 | 50 | *Хоҷагии об* | *Муайян нашудааст* | *%-и афзоиши ҳаҷми маҳсулоти кишоварзӣ (10% то соли 2016)* |
| | | *Идомаи сохтмони канали ирригатсионии «Худгиф-сой»* | 2000 | 260 | 280 | 360 | 500 | 600 | *Хоҷагии об* | *Буҷети вилояти Суғд* | |
| | | *Сохтмони канали ирригатсионӣ ва азхудкунии 130га замин дар мавзеъи Фалахмони д. Мадрушкат* | 1700 | 150 | 250 | 300 | 500 | 500 | *Хоҷагии об* | *Муайян нашудааст* | *Васеъ намудани заминҳои обӣ(1500 га то соли 2016)* |
| | | *Сохтмони канали ирригатсионӣ дар д. Рог* | 600 | | 300 | 300 | | | *Хоҷагии об* | *Буҷети вилояти Суғд* | |
| | | *Лоиҳаи «Обёрӣ намудани заминҳои деҳаи Худгифи соя» 80га* | 950 | 260 | 300 | 390 | | | *Хоҷагии об* | *Сармояи хориҷӣ* | *Масофаи каналҳои сохта ва таъмиршуда (15км канали нав ва 20км таъмири каналҳои мавҷуда то соли 2016)* |
Аксариати манбаи обҳои нӯшокии аҳолии ноҳия иншооти муҳофизати санитарӣ надоранд ва ягон сарбанди хатҳои обгузар посбонӣ карда намешаванд.

**Ташноб ва санитария.** Дар ҳудуди ноҳия системаи партовҳо, шабакаи канализатсия вуҷуд надорад. Бо зиёд гардидани партовҳои сохти маишӣ, зарурати ташкили партовҷой ба миён омадааст. Ба бунёди хати ташноб, ки хароҷот мехоҳад, низ зарурат ҳаст.

**Барқтаъминкунӣ.** Сокинони деҳаҳои Арнохун, Сурхкат, Ғуфкат, Даштак, Ғукат, Самҷон, Ярм, Худгифи боло, Роғ, Палдорак, Деҳманора, Дашти миёна, Пакшиф, Ланглиф, Туро, Водиф, Деҳавз, Деҳисор ва Мазор бо қувваи барқ таъмин нестанд. Дар деҳаҳои мазкур хати барқ гузаронида нашудааст. Дар баъзе мавзеъҳо НБО-ҳои хурд сохтаанд.

Ҳамагӣ 65 фоизи аҳоли аз нерӯи барқ истифода бурда метавонад. Шабакаҳои барқии ноҳияи Кӯҳистони Мастчоҳ ба шабакаҳои барқи Панҷакент шомил буда, аз соли 1996 фаъолият дорад. Теъдоди кормандони он 18 нафар, аз ин 3 нафарашон кормандони муҳандисӣ-техникӣ мебошанд.

Дар мувозинаи Шабака 9 зеристгоҳи барқии шиддаташ 10 кВ ва 1 зеристгоҳи калон иқтидораш 2500 кВА, аз ҷумла дар ин зеристгоҳи калон 39 зеристгоҳи хурд пайваст шудааст, мавҷуд мебошад. Дарозии умумии хатҳои барқии 20 кВ 105,5км, 10кВ 27,5км ва 0,4 кВ - 24км. мебошад.

Дар фасли зимистон аҳолӣ имкони дорад аз ангишти истеҳсоли худӣ истифода намояд. Фасли зимистон аҳолии ноҳия аз қувваи барқ зиёд истифода мебаранд, ки боиси тез - тез аз кор баромадани трансформаторҳо, хатҳои барқӣ ва шабакаҳои тақсимоти мегардад.

Бисёр хонаводаҳо барои эҳтиёҷи маошӣ аз ҳезум истифода мекунанд, ки ин ба ҷангал зиёни ҷиддӣ ворид мекунад, боиси кам гаштани майдони ҷангал, вайроншавии замин, коҳишӣ гуногунрангии биологӣ мегардад.

Нестшавии ҷангалзор, ҳифзу васеъ намудани ҷангалзор, васеъ намудани ҷангалзор аз мушкилоти ҷиддии экологии ноҳия аст.

Дигар хизматрасониҳои комуналӣ. Ба кабудизоркунӣ, ободонӣ, чароғонкунӣ ва бардоштани партовҳо дар ноҳия ХМК, ки 16 нафар кор мекунанд ва аз буҷети маҳаллӣ таъмин мешавад машғул аст. Он асосан ба шаҳраки Меҳрон хизмат мерасонад. Дар мувозинаи муассиса 1 автомошинаи ГАЗ-53 ва 1 адад мошини хизматии «Нива» мавҷуд аст, ки барои кори босамари он кифоя нест.

### 2.3.2. Нақлиёт ва коммуникатсия

Роҳи мошингард барои ноҳияи Кӯҳистони Мастчоҳ воситаи асосӣ буда, тавассути он рушди робитаҳои дохилию берунии ноҳия амалӣ мегарданд. Дар ноҳия роҳи Меҳрон – Ғончӣ - Хӯҷанд мавҷуд мебошад, ки ба воситаи ағбаи Оббурдон - деҳаи Овучии ноҳияи Ғончӣ масофаро то маркази вилоят қариб 80 километр наздик менамояд. Ағбаи мазкур аз тарафи собиқ Иттиҳодияи гӯсфандпарварӣ соли 1974 кушода шуда, ягон маротиба таъмир нашудааст ва фақат аз моҳи май то октябр кушода мешавад. Роҳи ағбаи Оббурдон - Овучӣ хусусияти стратегӣ низ дорад ва дар ҳолати банд шудани ағбаи Шаҳристон метавонад маркази вилоятро бо пойтахти ҷумҳурӣ пайваст намояд.

Ҳолати ногувори роҳҳо яке аз монеаҳои ҷиддӣ барои рушди минбаъдаи ноҳия маҳсуб мешавад ва ба сатҳи рӯзгори мардум таъсири манфӣ мерасонад.

Байни деҳаҳо ягон хатсайр фаъолият наменамояд ва ҳангоми аз маҳал ба маҳал ва ба маркази ноҳия рафтуомад намудан мушкилоти зиёдеро ба вуҷуд меорад.

Боркашонӣ дар ноҳия пурра аз ҷониби соҳибкорон амалӣ мешавад. Дар соҳаи нақлиёти автомобилии ноҳияи Кӯҳистони Мастчоҳ зиёда 20 нафар бо патент фаъолият карда истодааст. Нақлиёти истифодаи умум дар ноҳия фаъолият намекунад ва мусофиркашони аз тариқи мошинҳои шахсӣ талаботи аҳолиро қонеъ намегардонад.

Барои таъмиру нигоҳдории роҳҳо дар ноҳия муассисаи давлатии нигаҳдории роҳҳои автомобилгарди фаъолият дорад. Дар Муассисаи мазкур 26 нафар коргарон ва дар тавозуни он 20 адад техникаи роҳсозӣ ва таҷҳизот мавҷуд аст, ки аз ин 15 ададаш коршоям буда, бинобар сабаби набудани қисмҳои эҳтиётӣ аксар вақт кор намекунанд.

Инчунин, дар мувозинаи муассиса 105 километр роҳҳои истифодаи умум, 250км (бо ағбаи Оббурдон) роҳҳои дохилихоҷагӣ қарор доранд. Умуман роҳҳои ноҳия ба меъёрҳои роҳсозӣ ҷавобгӯ нестанд ва аз соли 1990 то ба имрӯз таъмир нагардидаанд ва то ба ҳол мумфарш карда нашудаанд.

Ҳамаи қитъаҳои роҳҳои ноҳия таъмирталаб ва ба таъмири асосӣ эҳтиёҷ доранд, ки ин ба бехатарии ҳаракати нақлиёт таҳдиди ҷиддӣ мерасонад. Дар аксариати маҳалҳои аҳолинишин ва заминҳои корами обӣ дар роҳ қубурҳои обгузар шинонида нашудааст.

Барои таъмир ва нигоҳдории роҳҳои ноҳия дар соли 2010 аз ҳисоби буҷет 242,5 ҳазор сомонӣ ҷудо карда шудааст ва дар соли 2011 бошад 250,0 ҳазор сомонӣ маблағ пешбинӣ карда шудааст, ки барои дар сатҳи лозими нигоҳ доштани роҳҳои асосии ноҳия нокифоя мебошанд.

Дар ҳудуди ноҳия 18 адад пул ва 121 адад қубурҳои обгузар мавҷуд аст, ки 16 адад пул фаршашон чӯбин (пулҳои Дупула, Хайробод, Самҷон, Палдорак ва ғайра) ва ба азнавсозӣ ниёз доранд.

*Ҷадвали 35. Дурнамои рушди соҳаи нақлиёт*

| Нишондиҳандаҳо | 2011 ҳисобот | 2012 баҳо | дурнамо | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | | | 2013 | 2014 | 201 | 2015 нисбати 2011 бо % |
| Ҳаҷми боркашонӣ (ҳаз.т) | 108,8 | 2,50 | 260 | 270 | 300 | 276 |
| - бо нақлиёти автомобилӣ | 108,8 | 250 | 260 | 270 | 300 | 275 |
| Гардиши бор (ҳ. т-к) | 4000 | 9200 | 9500 | 9700 | 9900 | 247,5 |
| - бо нақлиёти автомобилӣ | 4000 | 9200 | 9500 | 9700 | 9900 | 247,5 |

*Ҷадвали 36. Нишондиҳандаҳои дурнамои хоҷагии роҳ дар солҳои 2011-2015*

| Нишондод | 2011 ҳисобот | 2012 баҳо | дурнамо | | | 2015 нисбати 2011( бо %) |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | | | 2013 | 2014 | 2015 | |
| Масофаи роҳҳои нақлиётӣ | 105 | 105 | 105 | 105 | 105 | 100 |
| Маҳаллӣ | 105 | 105 | 105 | 105 | 105 | 100 |

**Алоқа ва фазои иттилоотӣ.** Дар ноҳия бахши ҶСК «Тоҷиктелеком» фаъолият дорад, дар он 3 нафар мутахассисон кор мекунанд. Як нуқтаи алоқа дар шаҳраки Меҳрон фаъо-

лият дорад ва айни ҳол фаъолияти он назаррас нест. Фаъолияти корхонаи мазкур бинобар тараққӣ ёфтани алоқаи мобилӣ бениҳоят суст гардидааст. Айни ҳол дар ноҳия ширкатҳои алоқаи мобили «Сомонком-Tcell», «Вавилон-М» ва «МЛТ» фаъолият доранд.

Дар ҳудуди ноҳия 2 барномаи телевизионии ҷумҳуриявӣ ТВТ ва «Сафина» пахш карда мешавад, ки онҳо 80 фоизи деҳаҳоро фарогир аст. Дар ин самт бинобар мавҷуд набудани таҷҳизоти мавҷқабулкунӣ деҳаҳои дурдаст аз тамошои барномаҳо бархурдор нестанд.

Дар ноҳия рӯзномаи «Паёми кӯҳистон» бо теъдоди 500 нусха моҳе 1 маротиба нашр мешавад. Ба сабаби набудани матбаа рӯзнома дар шаҳри Хуҷанд чоп мешавад.

Айни замон хати оптикии шабакаи Интернет то ноҳияи Айнӣ пайваст шудааст. ҶСШК «Тоҷиктелеком» ба нақша гирифтааст, ки хати мазкурро то маркази ноҳия расонад.

## 2.3.3. Стратегия ва вазифаҳо дар бахши инфрасохтор
## Таъминоти об ва хизмати комуналӣ

| ҳадаф | Вазифа | Чорабиниҳо/Лоиҳаҳо | Арзиши умумӣ (ҳаз. сомонӣ) | Солҳо | | | | | Масъул | Сарчашмаҳои маблағгузорӣ | Натиҷаҳои пешбинишаванда |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | | | 2011 | 2012 | 2013 | 2014 | 2015 | | | |
| Бехтар намудани дастрасии аҳолӣ ба оби нӯшокӣ ва хизматрасонии камуналӣ | Таъминоти аҳолии деҳот бо оби нӯшокӣ | **ҲАМАГӢ:** | **5853** | **1441** | **1449** | **1381** | **801** | **781** | | | %-и дастрасии аҳолӣ ба оби босифати нӯшокӣ (85%-2016)<br><br>То соли 2016 ҷорӣ намудани пардохт барои истифодаи оби нӯшокӣ<br><br>Шумораи муассисаҳои ҷамъиятӣ ва иҷтимоӣ ки ба хати ташноб пайваст карда шудаанд (5 адад-2016)<br><br>% деҳаҳое, ки ба хизмати ҷамъоварии партовҳои сохти маишӣ дастрасӣ доранд |
| | | Кашидани хати оби нӯшокӣ дар маҳаллаи навбунёди Қаргтуда, х/д ба номи И. Оқилов, 4500 м | 78 | 28 | 50 | | | | КВД ХМК | Муайян нест | |
| | | Кашидани хати оби нӯшокӣ дар деҳаи Резгиф 4050 м | 45 | 45 | | | | | КВД ХМК | Буҷети ноҳия | |
| | | Кашидани хати оби нӯшокӣ дар деҳаи Худгифи соя 3100 м | 45 | 45 | | | 45 | | КВД ХМК | Буҷети ноҳия | |
| | | Кашидани хати оби нӯшокӣ дар деҳаи Эсизи поён 4500 м | 87 | 87 | | | | | КВД ХМК | Муайян нест | |
| | | Кашидани хати оби нӯшокӣ дар деҳаи Арнохун 2400 м | 35 | | | | | 35 | КВД ХМК | БРСММ | |
| | | Васеъ намудани доираи асосиатсияи истиф. Об | 10 | 2 | 2 | 2 | 2 | 2 | КВД ХМК | Муаян нест | |
| | | Баланд бардоштани иқтидори ассотсиатсияҳои истифодабарандагони об | 10 | 2 | 2 | 2 | 2 | 2 | КВД ХМК | Буҷети ноҳия | |
| | | Кашидани хати оби нӯшокӣ дар деҳаи Рогиф 2200 м | 40 | | | 40 | | | КВД ХМК | Муайян нест | |
| | | Кашидани хати оби нӯшокӣ дар деҳаи Истошан 2700 м | 40 | | | | 40 | | КВД ХМК | Муайян нест | |
| | | Кашидани хати оби нӯшокӣ дар махаллаи Узвор деҳаи Пастигав 3000 м | 40 | | 40 | | | | КВД ХМК | Муайян нест | |
| | | Кашидани хати оби нӯшокӣ дар деҳаи Хадишахр 3700 м | 45 | | | 45 | | | КВД ХМК | Ҷамъияти Хилоли Ахмар | |
| | | Кашидани хати оби нӯшокӣ дар деҳаи Пакшиф 2700 м | 35 | 35 | | | | | КВД ХМК | Ҷамъияти Хилоли Ахмар | |
| | | Кашидани хати оби нӯшокӣ дар деҳаи Деҳавз 2600 м | 40 | | 40 | | | | КВД ХМК | Ҷамъияти Хилоли Ахмар | |
| | Бехтар намудани умури хизмати манзилию коммуналӣ | Барқарорсозии системаи ташноби шаҳраки Меҳрон | 800 | | | | 400 | 400 | КВД ХМК | Муайян нест | |
| | | Сохтмони партовгоҳи марказии шаҳраки Меҳрон | 175 | | | | 75 | 100 | КВД ХМК | Муайян нест | |
| | | Дастрас намудани автомашинаи ГАЗ-53 ваЗИЛ барои ҷамъоварии партов ва автоборбардори VOLVO | 1200 | 240 | 240 | 240 | 240 | 240 | КВД ХМК | Муайян нест | |
| | | Корҳои тарғиботи ҷиҳати ҷамъоварӣ ва безараргардонии партовҳои сохти маишӣ | 5 | 1 | 1 | 1 | 1 | 1 | КВД ХМК | Муайян нест | |

## Барқтаъминкунӣ (ҳазор сомонӣ)

| Ҳадаф | Вазифа | Чорабиниҳо/Лоиҳаҳо | Арзиши умумӣ (ҳ. сомонӣ) | Солҳо | | | | | Масъул | Сарчашмаҳои маблаггузорӣ | Натиҷаҳои пешбинишаванда |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | | | 2011 | 2012 | 2013 | 2014 | 2015 | | | |
| | | **ҲАМАГӢ:** | **86808** | **15600** | **18902** | **17502** | **16452** | **18352** | | | Кам кардани лимити истифодаи барқ (25%-2016)<br><br>Шумораи пойгоҳҳои ёрирасони сохта ва такмилдода, дарозии хатҳои нави барқ<br><br>Шумора ва иқтидори НОБ-ҳои хурд 3 НОБ-и хурд-2016<br><br>То соли 2016-ум 10% кам кардани қарзи аҳолӣ, корхонаю муассисаҳо аз истифодаи барқ |
| Беҳтар намудани таъминот бо қувваи барқ | Истифодаи бештари имконияти НОБ-и хурд | Сохтмони НОБ-ҳои хурд дар ҳудуди ноҳия | 30400 | 6000 | 6000 | 6100 | 6150 | 6150 | Шӯъбаи саноат | Муайян нест | |
| | | Сохтмони НБО-и «Самҷон» Деҷаи Самҷон | 1500 | | | 500 | 1000 | | Шӯъбаи саноат | Сармояи хориҷӣ | |
| | | Сохтмони НБО-и «Падаск» деҳаи Падаск | 7500 | 3000 | 4500 | | | | Шӯъбаи саноат | Муайян нест | |
| | | Сохтмони НБО-и «Ҷиндон» деҳаи Деҳманора | 8000 | | | 2000 | 3000 | 3000 | Шӯъбаи саноат | Муайян нест | |
| | | Сохтмони НБО-и «Валигонд» деҳаи Валигонд | 8000 | 2000 | 3000 | 3000 | | | Шӯъбаи саноат | Муайян нест | |
| | | Сохтмони НБО-и «Палдорак-1» деҳаи Палдорак | 2640 | | | | | 2640 | Шӯъбаи саноат | Сармоягузорон | |
| | Омодаи лоиҳаи хатҳои интиқоли барқ ва муҷаҳаз гардонидан бо трансформаторҳои баландиддат | Сохтмони НБО-и «Дупула» деҳаи Табушн | 11000 | 1500 | 2000 | 2000 | 2500 | 3000 | Шӯъбаи саноат | Муайян нест | |
| | | Сохтмони НБО-и «Рухшиф-1» деҳаи Лангар | 10560 | 2000 | 2000 | 2000 | 2200 | 2360 | Шӯъбаи саноат | Муайян нест | |
| | | Сохтмони хати барқи баландшиддат барои барқрасонии 13 деҳаи ҷамоати Лангар | 3000 | 500 | 500 | 700 | 800 | 500 | Шӯъбаи саноат | Муайян нест | |
| | | Сохтмони хати барқ барои маҳаллаҳои навбунёд | 4000 | 500 | 800 | 1200 | 800 | 700 | Шӯъбаи саноат | Буҷети ноҳия | |
| | | Шинонидани трансформатори 10/20 6000 квт маҳаллаи Қаргтуда | 198 | 98 | 100 | | | | Шӯъбаи саноат | Муайян нест | |
| | Баланд бардоштани самаранокии умури барқрасонӣ | Ба кумитаи маҳаллаҳо вогузор намудани танзиими таъмини барқ | 5 | 1 | 1 | 1 | 1 | 1 | Шӯъбаи саноат | Муайян нест | |
| | | Ба роҳ мондани таъруфагузориш барқи НОБ-ҳои хурд бо қарори сохтори худидораи деҳаҳо | - | - | - | - | - | | Шӯъбаи саноат | Муайян нест | |
| | | Корҳои таргиботи ҷиҳати истифодаи сарфакоронаи барқ | 5 | 1 | 1 | 1 | 1 | 1 | Шӯъбаи саноат | Буҷети вилоят | |

## Нақлиёт ва хоҷагии роҳ (ҳазор сомонӣ)

| Ҳадаф | Вазифа | Чорабиниҳо/Лоиҳаҳо | Арзиши умумӣ (ҳаз. сомонӣ) | Солҳо | | | | | Масъул | Сарчашмаҳои маблаггузорӣ | Натиҷаҳои пешбинишаванда |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | | | 2011 | 2012 | 2013 | 2014 | 2015 | | | |
| Беҳтар намудани хизматрасонии нақлиёт ва хоҷагии роҳ | | ҲАМАГӢ: | 10975 | 925 | 1920 | 2580 | 2350 | 3200 | | | |
| | Бунёди роҳҳои нав барои беҳтар гардидани рафту омади нақлиётӣ | Сохтмони купрук аз болои дарёи Зарафшон дар мавзеъи Дупула | 380 | 200 | 180 | | | | МДНР | Сармояи хориҷӣ | Шумораи пулҳои сохташуда (5 адад то соли 2016)<br>Шумораи пулҳои таъмиркарда шуда барои пиёдагардон (4 адад то соли 2016)<br>То соли 2015 таъмири 100 км роҳ ва 10 пул то соли 2016 |
| | | Сохтмони купрук аз болои дарёи Зарафшон д.Виткон | 120 | | 60 | 60 | | | МДНР | Аҳолӣ | |
| | | Сохтмони купрук аз болои дарёи Зарафшон д. Валигонд | 300 | 100 | 100 | 100 | | | МДНР | Муайян нест | |
| | | Идомаи нотамоми "Купрук аз болои дарёи Зарафшон дар деҳаи Хайробод" | 400 | 200 | 200 | | | | МДНР | Муайян нест | |
| | Таъмир ва барқарор намудани роҳҳои амалкунанда | Таъмири кулли 8км роҳи Мадрушкат-Сабаг | 75 | 75 | | | | | МДНР | Буҷети ноҳия | |
| | | Бозсози ва таъмири кулли агбаи Оббурдон-Овчӣ | 8000 | | 1000 | 2000 | 2000 | 3000 | МДНР | Буҷети вилоят | |
| | | Таъмири 140км роҳҳои маҳаллӣ | 1300 | 250 | 280 | 320 | 250 | 200 | МДНР | Муайян нест | |
| | | Таъмири роҳи Оббурдон - Мазор | 400 | 100 | 100 | 100 | 100 | | МДНР | Буҷети давлатӣ | |

## Алоқа ва коммуникатсия (ҳазор сомонӣ)

| Ҳадаф | Вазифа | Чорабиниҳо/Лоиҳаҳо | Арзиши умумӣ (ҳ. сомонӣ) | Солҳо | | | | | Масъул | Сарчашмаҳои маблаггузорӣ | Натиҷаҳои пешбинишаванда |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | | | 2011 | 2012 | 2013 | 2014 | 2015 | | | |
| Муҳайё намудани шароит барои фарогирии аҳолӣ бо фазои камуникатсионӣ | Беҳдоштии инфрасохтори алоқа | ҲАМАГӢ: | 400 | 50 | 100 | 100 | 100 | 50 | | | |
| | | Ба шабакаи интернет пайваст намудани ноҳия | 200 | 50 | 50 | 50 | 50 | | Роҳбарияти ноҳия | Сармояи хориҷи | Шумораи истифодабарандагони интернет (15-2016)<br>% пахши барномаҳои симои ҷумҳурӣ (75%-2016) |
| | | Васл намудани таҷҳизоти мавҷқабулкунии барномаҳои телевизионии ҷумҳурӣ | 200 | | 50 | 50 | 50 | 50 | Роҳбарияти ноҳия | Буҷети давлатӣ | |

## 2.4. Ҳифзи муҳити зист ва экология

Ноҳияи Кӯҳистони Мастчоҳ яке аз минтақаҳои баландкуҳи вилояти Суғд буда, дар байни қаторкуҳҳои Зарафшон ва Туркистон ҷойгир мебошад.

Ноҳия аз минтақаҳои дурдасти вилояти Суғд буда, байни қаторкӯҳҳои Зарафшон ва Туркистон, ки дорои пиряху қуллаҳои барфпӯшанд, ҷойгир аст. Бо олами беруна ду роҳе, ки аз истифодаи зиёд вайрон ва хавфнок шудаанд- «Ғончӣ- Кӯҳистони Мастчоҳ» ба воситаи ағбаи Обурдон (фасли зимистон баста аст) ва «Айнӣ - Кӯҳистони Мастчоҳ», мепайвандад. Маҳз ҳолати хароб, душворгузарӣ, хатари тармафарой, ярч, сангфарой дар ин роҳҳо ба рушди иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва экологии ноҳия таъсири манфӣ мерасонад. Ҳамчунин дар ин минтақа, ки дарёи Зарафшон ибтидо мегирад, ҳифзи муҳит аз масъалаҳои ҷиддӣ аст.

Афзалияти асосии муҳити ноҳия- иқлими мусоид барои парвариши намудҳои алоҳидаи зироат, замини серҳосил, обӣ бо маъданҳои ғании нӯшокӣ ва полезӣ барои таъмини рушди иқтисодӣ (картошкапарварӣ, боғдорӣ, ниҳолпарварӣ, чорводорӣ, амбӯрпарварӣ, туризми обӣ, кӯҳӣ, этникӣ, экологӣ) мусоидат менамояд. Ин афзалиятҳо солҳои охир нисбатан босамар истифода мешаванд.

Маҳдудияти захираи сӯзишвориро аз ҳисоби бунёди НОБ-ҳои миёнаи хурд, бо нархҳои дастрас ба аҳолӣ фурӯхтани ангишт аз конҳои маҳаллӣ, истифодаи сӯзишвории биологии анъанавӣ (таппак ) ва дигар манбаъҳо ҷуброн кардан мумкин аст. Ҳамчунин ташкили идораи ҷамъиятии хоҷагии ҷангал аз ҷониби аҳолӣ ин мушкилотро сабук мегардонад.

Дар мубориза бо буриши ғайриқонунии ҷангал баробари экологҳо, бояд мақомоти маҳаллии иҷроия, ҷамоатҳои деҳот, мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, аҳли ҷомеа саҳм гиранд. Ба ин хотир корҳои тарғиботиро аз қабилӣ сӯҳбатҳо, семинару машварат, истифодаи имкониятҳои созмонҳои ҷамъиятии экологӣ, пурзӯр бояд кард. Дар ҳамҷоягӣ бо ташаббусҳо ҷиҳати сабзгардонӣ ва ободонӣ ба натиҷаи хуб расидан мумкин аст. Дар ҳудуди ноҳия ҳодисаҳои молчаронии худсарона кам нест. На ҳамаи рамаҳо ба қайд гирифта шудаанд. Ин ба эрозияи хок омил мешавад.

Баробари ин нисбати дигар навоҳии вилоят ҳолати экологии ноҳияро хуб арзёбӣ мекунанд. Солҳои охир ноҳия рушд мекунад, заминҳои нав кушода, корхонаҳои коркард сохта мешаванд. Вобаста ба ин масъалаи баҳодиҳии экологии иншооти сохташаванда пеш меояд. Кӯҳистони Мастчоҳ ноҳияи чорводорӣ аст. Ин ҷо ҳарчанд ҳар сол ҳазорҳо сар чорво забҳ карда, пашми ҳазорҳои сар чорвои хурд тарошида мешавад, ҳанӯз на идораи қабули маҳсулот на коргоҳи коркарди пашму пӯст мавҷуд аст.

Ташкили чунин коргоҳҳо барои навоҳии водии Зарафшон як омили рушд ва ҳифзи экологӣ буда метавонад.

Ҳамин тавр мушкилоти экологии ноҳия чун ҳама навоҳии кӯҳӣ масъалаҳои зайлро дарбар мегирад:

- Ҳифз, эҳё ва васеъ намудани ҷангалзор, пешгирии буриши ғайри қонунӣ;
- Таъмини аҳолӣ бо оби тозаи нӯшокӣ;
- Молчаронии босамар, бо баҳисогирии таъсири он ба муҳит;
- Эҳтимлияти зиёди ҲФ;
- Коҳиш додани таъсиррасонии антропогенӣ ба муҳити зист;
- Истифодаи эҳтиёткоронаи захираҳои табиӣ барои беҳдошти рӯзгори мардум аз ҳисоби азхудкунии заминҳои нав ва махсусияти иқлими маҳал;
- Ташкили коркарди маҳсулот;
- Сатҳи пасти маърифати экологии аҳолӣ.

### 2.4.1. Ҳолатҳои фавқулода

Амалан ҳамаи ҳудуди ноҳия дар минтақаи хавфнок ҷойгир буда, эҳтимоли тарма, ярч, сангпар зиёд аст. Ҳолати бади роҳҳо ба ҳосилшавии чанги зиёд ва афзудани фалокатҳо сабаб мешавад.

## 2.4.2. Стратегия ва вазифаҳо дар бахши ҳифзи муҳити зист ва экология (ҳазор сомонӣ)

| *Ҳадаф* | *Вазифа* | *Чорабиниҳо/Лоиҳаҳо* | *Арзиши умумӣ (ҳаз. сомонӣ)* | *Солҳо* | | | | | *Масъул* | *Сарчашмаҳои маблаггузорӣ* | *Натиҷаҳои пешбиниша-ванда* |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | | | *2011* | *2012* | *2013* | *2014* | *2015* | | | |
| *Беҳтар намудани ҳолати муҳити зист* | *Андешидани чораҳо доир ба пешгирии хавфи офатҳои табиӣ* | ***ҲАМАГӢ 14 лоиҳа*** | ***1345*** | ***235*** | ***225*** | ***445*** | ***235*** | ***145*** | | | |
| | | *Соҳилмустаҳкамкунии дарёи Зарафшон дар мавзеъи д. Эсизи поён* | *200* | | *100* | *100* | | | *Шӯъбаи СҲФ* | *Маълум нест* | *Маблаги барои соҳилмустаҳкамкунӣ ҷудошуда аз буҷет (15%-2016)*<br><br>*Масофаи соҳилҳои мустаҳкамшуда (13,км-2016)*<br><br>*%-и аҳолии ноҳия, ки ба семинарҳо машқҳо ҷалб шуданд. (35%-2016)* |
| | | *Соҳилмустаҳкамкунии дарёи Зарафшон дар мавзеъи д. Муҷдиф* | *100* | *100* | | | | | *Шӯъбаи СҲФ* | *Буҷети ноҳия* | |
| | | *Соҳилмустаҳкамкунии дарёи Зарафшон дар мавзеъи д. Палдорак* | *100* | | | *100* | | | *Шӯъбаи СҲФ* | *Буҷети вилоят* | |
| | | *Соҳилмустаҳкамкунии дарёи Зарафшон дар мавзеъи д. Ланглиф* | *80* | | | | | *80* | *Шӯъбаи СҲФ* | *Аҳолӣ* | |
| | | *Соҳилмустаҳкамкунии дарёи Зарафшон дар мавзеъи д. Мадрушкат* | *130* | | *30* | *100* | | | *Шӯъбаи СҲФ* | *Муайян нест* | |
| | | *Соҳилмустаҳкамкунии дарёи Зарафшон дар мавзеъи д. Деҳисор* | *90* | | | | *90* | | *Шӯъбаи СҲФ* | *Буҷети вилоят* | |
| | | *Соҳилмустаҳкамкунии дарёи Зарафшон дар деҳаи Истошон* | *160* | | | *80* | *80* | | *Шӯъбаи СҲФ* | *Буҷети ҷумҳурӣ* | |
| | | *Барқарор кардани иншооти зидди тарма дар деҳаи Худгифи соя* | *120* | *24* | *24* | *24* | *24* | *24* | *Шӯъбаи СҲФ* | *Муайян нест* | |
| | | *Чорабиниҳои оид ба пешгирии офатҳои табиӣ* | *60* | *30* | *30* | | | | *Шӯъбаи СҲФ* | *Муайян нест* | |
| | | *Таъмири пул дар д. Хайробод* | *50* | *10* | *10* | ***10*** | ***10*** | ***10*** | *Шӯъбаи СҲФ* | *Муайян нест* | |
| | | *Чораҳо барои паст кардани обҳои зеризаминӣ дар д. Ғувинд* | *50* | *10* | *10* | ***10*** | ***10*** | ***10*** | *Шӯъбаи СҲФ* | *Муайян нест* | |
| | | *Ташкили семинару машваратҳо, машқҳо* | *10* | *2* | *2* | ***2*** | ***2*** | ***2*** | *Шӯъбаи СҲФ* | *Муайян нест* | |

## 2.5. Таъминоти захиравӣ
### 2.5.1. Таъминоти молиявӣ – буҷетӣ

Ба сабаби маҳдудияти сарчашмаҳои даромади маҳаллӣ ноҳия субвенсия мегирад. Давоми се соли охир ба ҳисоби миёна 66,9 фоизи буҷети маҳаллӣ аз буҷети вилояти Суғд дода мешавад. Ин нишондод соли 2010 то 9 фоиз кам шуда, 97,9 фоизро ташкил медиҳад.

Даромади ноҳия аз ҳисоби воридоти намуди андоз ва субвенсия аст. Соли 2010 ҳиссаи даромадҳои маҳаллӣ дар буҷети ноҳия 29 фоизро ташкил дод, ки ин аз соли пешин 4 фоиз зиёд аст. Сабаби ин зиёд шудани нишондони накшавии даромадҳои худӣ дар ҳаҷми 24%, субвенсия бошад ҳамагӣ 2 фоиз афзудааст. Соли 2010 андоз аз шахсони воқеӣ (9,2%) ва андози ягона аз соҳаи кишоварзӣ (8,1%) қисми бештари даромади маҳаллии буҷети ноҳияро ташкил доданд.

*Диаграммаи 11. Даромади буҷети ноҳия дар солҳои 2008-2011*




Манбаи нисбатан калони қисми даромади буҷет аз андоз аз шахсони воқеӣ аст, ки соли 2010 ба 33,4%-и даромадҳои худии ноҳияро ташкил додааст.

*Диаграммаи 12. Таҳаввулотии тағйирёбии сохтори даромадҳои буҷет дар солҳои 2008-2010*




Ба афзоиши ҷамъоварии андоз аз шахсони воқеи содда шудани бақайдгирии андозсупорандагон, маънои ҳамаи намуди санҷиши фаъолияти соҳибкори мусоидат намуд. Ба якбора кам шудани ҳиссаи андози ягона зиёд шудани меъёри ин намуди андоз сабаб гашт.

Дар қисми хароҷоти буҷет хароҷотҳои бахши иҷтимоӣ аз ҷумла маориф, тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоӣ зиёд аст. Соҳаи маориф дар ин миён мавқеи хоса дорад. Хароҷоти ин бахш 63,8 фоизро ташкил медиҳад.

*Диаграммаи 13. Сохтори қисми хароҷоти буҷет дар солҳои 2008-2010*




Дар қисми хароҷоти буҷет дар се соли охир пурра маблағгузорӣ нашудани бахшҳои афзалиятнок, аз ҷумла маориф ва кишоварзӣ ба сабаби сари вақт пешниҳод нашудани сметаи хароҷоти соҳа ба назар мерасад.

*Ҷадвали 38. Маълумот оид ба иҷроиши буҷети ноҳияи Кӯҳистони Мастчоҳ дар давоми солҳои 2008-2010*

| Нишондиҳандаҳо | 2008 | | | 2009 | | | 2010 | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | Нақша | Иҷро | Фоиз | Нақша | Иҷро | Фоиз | Нақша | Иҷро | Фоиз |
| Қисми даромад | | | | | | | | | |
| Андоз аз даромади шахсони воқеӣ | 228378 | 234754 | 102,8 | 312952 | 317030 | 101,3 | 386267 | 392043 | 101,5 |
| Андози ҳади ақал аз даромади корхонаҳо | 4970 | 5700 | 114,7 | 6267 | 7900 | 126,0 | 9480 | 13153 | 138,7 |
| Андоз аз моликияти ғайриманқул | 23953 | 23962 | 100,0 | 35651 | 36170 | 101,4 | 35651 | 37085 | 104,0 |
| Андози замин аз шахсони ҳуқуқӣ | 59489 | 66979 | 112,6 | | | | | 26368 | - |
| Андози замин аз шахсони воқеӣ | 28773 | 21310 | 74,0 | 29647 | 29980 | 101,1 | 51620 | 26158 | 101,7 |
| Андоз тибқи системаи соддакардашуда[1] | - | - | - | - | 11040 | - | - | 21322 | - |
| Андози ягона | 255500 | 206104 | 91,4 | 329185 | 329588 | 100,1 | 335900 | 343458 | 102,2 |
| Андоз аз фуруши чакана | 60345 | 60417 | 100,1 | 60423 | 61695 | 102,1 | 60423 | 62170 | 102,9 |
| Андоз аз арзиши иловашуда | 11056 | 11265 | 101,9 | 17208 | 17570 | 102,1 | 32519 | 21000 | 64,6 |
| Андоз аз истифодабарандагони роҳҳои автомобилгард | 7200 | 8384 | 116,4 | 8940 | 9891 | 110,6 | 13563 | 17786 | 131,1 |
| Иҷозатнома барои фаъолияти соҳибкорӣ | 11753 | 12223 | 104,0 | 17928 | 18843 | 105,1 | 15512 | 15716 | 101,3 |

[1] -нақшагузори нагардидааст, дар давоми сол аз ҳисоби сарчашмаҳои нав ба буҷети маҳалли маблағ ворид шуд.

| | | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Андоз аз соҳибони воситаҳои нақлиёт | 52416 | 52611 | 100,4 | 69069 | 73473 | 106,6 | 100787 | 100937 | 100,1 |
| Бонусҳо[2] | - | 37000 | - | - | - | - | - | 2400 | - |
| Дигар даромадҳои ҳатмӣ | - | - | - | 13375 | 15445 | 137,9 | | | |
| Даромадҳои ғайриандозӣ | 7600 | 9470 | 124,6 | 13375 | 15445 | 137,9 | 90533 | 93437 | 103,2 |
| Субвенсия | 1934227 | 1933349 | 100,0 | 2721364 | 2721364 | 100,0 | 2771636 | 2771164 | 100 |
| Маблағҳо аз ҳисоббаробаркунӣ | 324699 | 324699 | 100,0 | 43395 | 43395 | 100,0 | 116695 | 116695 | 100 |
| Боқимондаи озоди хазина | 41188 | 40188 | 100,0 | 60469 | 60469 | 100,0 | 190376 | 188377 | 98,0 |
| ҲАМАГӢ: | 3025445 | 3053470 | 100,9 | 3739053 | 3770033 | 100,5 | 4295294 | 4242707 | 101,1 |
| Қисми хароҷот | | | | | | | | | |
| Сектори ҳокимият ва идораи давлатӣ | 418725 | 415492 | 99,0 | 528220 | 518573 | 98,2 | 558990 | 565578 | 101,2 |
| Мақомоти ҳифзи ҳуқуқ | | | | 2000 | 5526 | 276,3 | 3000 | 6030 | 201,0 |
| Маориф | 1925224 | 1910610 | 99,2 | 2456094 | 2293826 | 93,4 | 2694901 | 2653062 | 98,4 |
| Тандурустӣ | 338966 | 340386 | 100,4 | 425767 | 434270 | 102,0 | 587189 | 596954 | 101,7 |
| Суғуртаи иҷтимоӣ ва ҳифзи иҷтимоӣ | 45118 | 46866 | 100,0 | 51431 | 44040 | 85,6 | 51921 | 56059 | 107,9 |
| Хоҷагии манзилию коммуналӣ | 98149 | 98152 | 100,0 | 79379 | 79379 | 100,0 | 76015 | 76015 | 100,0 |
| Чорабиниҳои фарҳангӣ | 64194 | 65559 | 102,0 | 83434 | 97504 | 116,9 | 100273 | 102054 | 102,8 |
| Хоҷагии қишлоқ | 33445 | 33393 | 100,0 | 43450,0 | 43163 | 99,3 | 45604 | 42666 | 93,6 |
| Нақлиёт ва алоқа | 30000 | 30001 | 100,0 | 30000 | 33144 | 110,4 | 17000 | 17051 | 100,3 |
| ҲАМАГӢ: | 3005241 | 2993001 | 99,6 | 3720835 | 3573063 | 96,0 | 4195294 | 4193346 | 99,1 |

Ҳаҷми маблағгузории соҳаҳои иҷтимоӣ дар асоси сметаи хароҷот муайян карда мешавад. Дар соҳаҳои маориф ва тандурустӣ маош қисми асосии хароҷотро ташкил медиҳад.

Нақшаи хароҷотҳо барои рушди кишоварзӣ солҳои охир иҷро нашудаанд (соли 2010 нақша 6,4 % иҷро нашудааст) ки далели сари вақт азхуд накардани маблағҳо мебошад.

Маблағгузории соҳаи ХМК дар се соли охир ба ҳисоби миёна 0,8% кам шудааст. Ҳиссаи хароҷоти буҷети маҳаллӣ барои нигоҳдории умури давлатдорӣ ва идори се соли охир 13,9 фоизро ташкил медиҳад.

Барои рушди ноҳия, пешгирии ҲФ ва дигар хароҷот ҳамагӣ дар ҳаҷми 0,5 фоизи буҷети маҳаллӣ фонди раиси ноҳия ташкил шудааст. Ба Барномаи рушди иҷтимоӣ - иқтисодии ноҳия барои солҳои 2011-2015-ум 150 лоиҳа ба маблағи умумии 189087,5 ҳазор сомонӣ шомил шудаанд. Аз онҳо сарчашмаи маблағгузории 61 лоиҳа муайян шуда, 89 лоиҳа ба маблағгузорӣ ниёз дорад.

*Ҷадвали 39. Арзиши БР-и ноҳия аз рӯи бахшҳо барои солҳои 2011-2015*

| Соҳаҳо | ҳамагӣ | 2011 | 2012 | 2013 | 2014 | 2015 |
|---|---|---|---|---|---|---|
| Бахши иқтисод | 38939,5 | 5555,5 | 7851 | 8491 | 8581 | 8461 |
| • Кишоварзӣ | 33584,5 | 4704,5 | 6810 | 7250 | 7420 | 7400 |
| • СХМ | 3435 | 521 | 621 | 711 | 721 | 861 |
| • Саноат | 1920 | 330 | 420 | 530 | 440 | 200 |
| Маблағгузорӣ зарур аст | 7400 | 1260 | 1480 | 1400 | 1820 | 1440 |
| Бахши иҷтимоӣ | 44097 | 6995 | 9010 | 9637 | 10385 | 8070 |
| • Тандурустӣ | 4065 | 1230 | 1180 | 720 | 430 | 505 |
| • Маориф | 30570 | 3935 | 5640 | 6585 | 8325 | 6085 |
| • Ҳифзи иҷтимоӣ | 700 | 50 | 200 | 150 | 150 | 150 |

[2] -бонуси обунавӣ ҶДММ «Қулла»

| | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| • Фарҳанг | 6262 | 1520 | 1430 | 1622 | 920 | 770 |
| • Варзиш | 2500 | 260 | 560 | 560 | 560 | 560 |
| Маблағгузорӣ зарур аст | 21030 | 3085 | 4770 | 4095 | 5035 | 4045 |
| Инфрасохтор | 104036 | 18016 | 22371 | 21563 | 19703 | 22383 |
| • Таъминоти об | 5853 | 1441 | 1449 | 1381 | 801 | 781 |
| • Барқтаъминкунӣ | 86808 | 15600 | 18902 | 17502 | 16452 | 18352 |
| • Нақлиёт ва роҳ | 10975 | 925 | 1920 | 2580 | 2350 | 3200 |
| • Алоқа ва коммуникатсия | 400 | 50 | 100 | 100 | 100 | 50 |
| Маблағгузорӣ зарур аст | 86258 | 16409 | 19787 | 17754 | 16054 | 16254 |
| ҲФ | 1345 | 295 | 225 | 445 | 235 | 145 |
| Маблағгузорӣ зарур аст | 385 | 95 | 95 | 65 | 65 | 65 |
| Таъминоти захиравӣ | 670 | 414 | 64 | 64 | 64 | 64 |
| Ҳамагӣ маблағгузории зарурӣ | 115073 | 20849 | 26132 | 23314 | 22974 | 21804 |
| Ҳамагӣ : | 189087,5 | 31275,5 | 39521 | 40200 | 38968 | 39123 |

Сарчашмаи асосии маблағгузории БРН инҳоянд: буҷети маҳаллӣ, буҷети ҷумҳуриявӣ, сармояи созмонҳои хориҷӣ, сармояи соҳибкорон ҳиссаи аҳолӣ, ёрии беруна. Лоиҳаҳои ба БРН шомилшуда бо хусусияти маблағгузорӣ ба 2 гурӯҳ ҷудо мешаванд:

- Лоиҳаҳои афзалиятноки сарчашмаи маблағгузорияшон муайяншуда;
- Лоиҳаҳои афзалиятноки сарчашмаи маблағгузорияшон номуайян.

*Диаграммаи 14. Вазни қиёсии сарчашмаҳои маблаггузорӣ*




Айни замон арзиши лоиҳаҳое, ки манбаи маблағгузориашон муайян аст бештар аз 74014, 5 ҳазор сомонӣ ё 39,1 фоизи ҳаҷми умумии маблағгузориро ташкил менамоянд.

Арзиши лоиҳаҳое афзалиятнок, ки ба маблағгузорӣ ниёз доранд, 115073 ҳазор сомонӣ ё 60,9 фоизи ҷамъи арзиши БРН-ро ташкил медиҳанд.

БРН-ро якчанд созмонҳои ҷамъиятӣ ва баналмиллалӣ, аз ҷумла БРСММ, Агроаксияи Олмон, GIZ, фонди Оғохон, БҶО, ҶММ «Нилуфар», «Мададгорӣ», «Эҳёи Кӯҳистон», Шӯрои рушди ноҳия ва марказҳои дастгирии ҷамоатҳо дастгирӣ менамоянд.

Барои ҷалби захираҳои иловагӣ ҷиҳати иҷрои лоиҳаҳои манбаи маблағгузориашон номуайян, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ҳанӯз иқтидори заруриро доро нест, хоса дар таҳияи лоиҳаҳо, ташкили фондрезинг, таҳияи лоиҳаҳои сармоягузорӣ тибқи талаботи донорҳо, аз ҷумла тартиби пешниҳоди дархост, набудани имконият барои қарзгирӣ, маълумотнокии нокифоя ва набудани иттилоот дар бораи донорҳо.

Барои ба ноҳия ҷалб намудани сармоя корҳои зиёдеро ҷиҳати ташкили шароити мусоиди сармоягузорӣ ба ҷо овардан лозим аст.

### 2.5.2. Захираҳои ташкилӣ ва зеҳнии ноҳия

Органи олии ҳокимияти давлатии ноҳия Маҷлиси намояндагон аст, ки аз 30 нафар (аз он танҳо 2 нафар зан ) иборат мебошад. Иҷлосияҳои Маҷлиси намояндагон ҳар се моҳ баргузор мешаванд. Маҷлис дорои 6 коммиссия аст:

- оид ба масъалаҳои қонуният ва тартибот;
- оид ба масъалаҳои ислоҳоти иқтисодӣ ва буҷет;
- оид ба масъалаҳои сиёсати аграрӣ, озуқа, меҳнат ва хизматрасонӣ ба аҳолӣ;
- оид ба масъалаҳои ҳифзи иҷтимоӣ, тандурустӣ, ҳифзи табиат, оила ва занон;
- оид ба масъалаҳои илм, маориф, фарҳанг ва сиёсати ҷавонон;
- оид ба масъалаҳои сохтмон, саноат, алоқа ва коммуникатсия, ХМК ва хоҷагии роҳ.

Дар назди Маҷлис органи иҷроия иборат аз 15 нафар (танҳо 2 нафар зан) фаъолият менамояд, ки ба он раиси ноҳия (2 нафар муовин дорад) роҳбари менамояд.

*Сохтори идоракунии ноҳия*




Муовини якуми раиси ноҳия ба масъалаҳои бахши иқтисод, таҳия ва иҷрои барномаи рушди иҷтимоӣ-иқтисодии ноҳия машғул мешавад. Ба доираи вазифаҳои ӯ даст-

гирии СХМ, масъалаҳои аграрӣ ворид шуда, якҷо бо дигар шӯъбаҳои дахлдор иҷрои сиёсати аграрии ҷумҳурӣ ва вилояти Суғдро таъмин менамояд. Ӯ ҳамчунин ба масъалаҳои саноат, сохтмон ва роҳҳо инфрасохтор, комуникаатсия, баркрасонӣ, ҳифзи муҳити зист, ҷамъоварии иттилоот ва назорат ба рушди иҷтимоӣ – иқтисодӣ сарпарастӣ менамояд.

Муовини раиси ноҳия оид ба масоили иҷтимоӣ масъалаҳои соҳаҳои фарҳанг, тандурустӣ, маориф, сайёҳӣ, ВАУ, занон ва ҷавонон, муносибатҳои миллӣ, танзими расму анъанаҳо, ҳамкорӣ бо ташкилотҳои ҷамъиятӣ – сиёсиро ба ӯҳда дорад.

Дар мақомоти худидораи маҳаллӣ ҳамаи шӯъбаҳо бо компютер, мутахассисон, ки бо озмун ба кор пазируфта шудаанд, таъмин мебошанд. Дар мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии - ноҳия 15 компютер, 8 принтер ва 1 факс мавҷуд аст.

## 2.5.3. Стратегия ва вазифахо дар бахши таъминоти захирави (ҳазор сомонӣ)

| Мақсад | Вазифаҳо | Чорабинӣ/Лоиҳаҳо | Маблаг (ҳаз. сом) | Солҳо 2011 | 2012 | 2013 | 2014 | 2015 | Манбаъ | Натиҷаҳои пешбинишаванда |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Баланд бардоштани иқдидори захиравии ноҳия барои раванди рушд | Беҳдошти шароити меҳнат ва сатҳи тахассусии кормандони дастгоҳи марказӣ ва ҷамоатҳои деҳоти ноҳия | Таъмири асосии бинои МИХД | 350 | 350 | | | | | Буҷети ҷумҳурӣ | Шумораи ба омӯзиш фаро гирифтани кормандони МИХД (3нафар ҳар сол)<br>%-и таъминоти ҷамоатҳо бо кампутар (45%-2016)<br>Ташкили ҳукумати электронӣ то соли 2016<br>Мавҷудияти маркази маълумот ва маҷмӯи қонунҳои ҷорӣ (то с.2013)<br>%-и компютерҳо дар дастгоҳи МИХД ва ҷамоатҳо<br>Ҳаҷми сармояи ҷалбшуда ва лоиҳаҳои аз ин ҳисоб иҷрошуда (1млн.сомонӣ ва 5лоиҳа-с.2016) |
| | | Дастрас намудани технологияи нави компутари барои кормандони МИХД | 80 | 16 | 16 | 16 | 16 | 16 | Буҷети ноҳия | |
| | | Ба шабакаи интерет пайвастани кампютерҳои дастгоҳи МИҲД | 50 | 10 | 10 | 10 | 10 | 10 | Буҷети ноҳия | |
| | | Таъмини дастгоҳи МИҲД бо барқ (харидории генератор) | 5 | 1 | 1 | 1 | 1 | 1 | Буҷети ноҳия | |
| | | Ташкили курсҳои бозомӯзии мутахассисони ҷавони МИҲД | 5 | 1 | 1 | 1 | 1 | 1 | Буҷети ноҳия | |
| | | Таҳия ва иҷрои чораҳо ҷиҳати ташкили «ҳукумати электронӣ» байни дастгоҳи МИҲД ва ҷамоатҳо | 40 | 8 | 8 | 8 | 8 | 8 | Буҷети ноҳия | |
| | | Таҳия ва иҷрои чорабиниҳо ҷиҳати додани имтиёз ба мутахассисони ҷавони МИҲД | 35 | 7 | 7 | 7 | 7 | 7 | Буҷети ноҳия | |
| | | Ташкили курсҳои омӯзиши компютер ва забонҳои хориҷӣ барои кормандони МИҲД | 40 | 8 | 8 | 8 | 8 | 8 | Буҷети ноҳия | |
| | | Ташкили маркази маълумоти иқтисодии ноҳия ва ҷамоатҳо | 40 | 8 | 8 | 8 | 8 | 8 | Буҷети ноҳия | |
| | | Ба роҳмондани ҳамкорӣ бо тарафи манфиатдор – таҳияи рӯйхати донорҳои эҳтимолӣ,<br>- омӯзиши стратегияи донорҳои эҳтимолӣ<br>-омӯзиши талаботи донорҳо ва таҳияи лоиҳаҳои сармоягузорӣ | 5 | 1 | 1 | 1 | 1 | 1 | Буҷети ноҳия | |
| | Ташкили шароити мусоид барои ҷалби сармояи беруна | Ташкили семинарҳо ҷиҳати таҳияи лоиҳаҳои инвеститсионӣ дар асоси талаботҳои донорҳо | 10 | 2 | 2 | 2 | 2 | 2 | Буҷети маҳалӣ ва давлатӣ | |
| | | Ташкили маркази маълумот дар бораи донорҳо, фаҳмиши мушаххаси самти фаъолиятҳо ва стратегияи онҳо | 5 | 1 | 1 | 1 | 1 | 1 | | |
| | | Фаъолият оид ба фондрезинг | 5 | 1 | 1 | 1 | 1 | 1 | | |
| Ҷамъ | | 10 лоиҳа | 670 | 414 | 64 | 64 | 64 | 64 | | |

# БОБИ 3. НИЗОМИ МОНОТОРИНГ ВА АРЗЁБӢ БАРНОМА

Яке аз унсурҳои муҳимми системаи идоракунии татбиқи Барномаи рушди иҷтимоию иқтисодии ноҳияи Кӯҳистони Мастчоҳ низоми мониторинг ва арзёбӣ (минбаъд-НМваА) мебошад. Он барои мушоҳидаи чараёни корҳо ва таҳлили натиҷаҳои бадастомадаи барнома, ошкор намудани таҷрибаи мусбии андӯхта ва мушкилиҳои мавҷуда дар татбиқи он истифода бурда мешавад. НМваА имкон медиҳад, ки робитаи мутақобила ва муттасил дар сиёсати қабулнамуда ва натиҷаҳои татбиқи амалии он таъмин карда шавад.

Гурӯҳи МваА бо қарори Раиси ноҳия таъсис дода мешавад, ки аз 5-7 аъзо иборат мебошад (мутахассисони соҳавӣ, кормандони маъмурии мақомот). Гурӯҳи МваА-ро муовини Раиси ноҳия (сарпарасти иқтисодиёт) сарварӣ менамояд.

Бо қарори мазкур, масъул барои гузаронидани МваА- и Барномаи рушди иҷтимоию иқтисодии ноҳияи Кӯҳистони Мастчоҳ шӯъбаи иқтисоди ноҳия мебошад.

Раиси ноҳия фармоиши махсус мебарорад, ки нусхаи ҳисоботи семоҳаи ҳамаи лоиҳаҳои дар Барномаи рушд дохилшуда, барои ҳисобот ба шӯъбаи иқтисоди ноҳия пешниҳод мешаванд.

Комилан муҳим аст, ки давра ба давра малака ва дониши аъзои гурӯҳи МваА баланд бардошта шавад.

**Сохтори НМваА**

Барои мониторинги Барномаи рушди ноҳия мушоҳидаи омилҳои зерин зарур аст:

- ба ҳадафҳои гузошташудаи Барнома то кадом андоза муваффақ мешавем: рафти иҷрои лоиҳаҳои ба барнома воридшуда.

Бо ифодаи дигар, бояд мониторинги натиҷаҳои Барнома ва мониторинги ҷараёни лоиҳаҳо аз рӯи ҳар як соҳа гузаронида шавад.

***Мониторинги натиҷаҳои Барнома*** тариқи муаянкунӣ аҳамияти ишондиҳандаҳо анҷом дода мешавад. Мутаносибан, ноилшавии ҳадафҳои Барномаро бо ҳамон мулоҳиза кардан мумкин аст, ки дар кадом андоза нишондиҳандаҳои рушд ба даст омадааст. Ҳамаи нишондодҳои пешбинишуда дар хазинаи маълумотҳои электронии ноҳия мавҷуданд.

Мониторинги натиҷаҳо ҳар сол на дертар аз 1 март гузаронида мешавад.

Натиҷаҳои мониторинги иҷрои лоиҳаҳо ҳар се моҳ қайд карда мешавад, сохторҳои масъули иҷрои лоиҳаҳо оид ба натиҷаи мониторинг маълумот медиҳанд.

Натиҷаи мониторинги рафти иҷрои лоиҳаҳо ҳар семоҳа дар ҷадвали мониторинг аз рӯи ҳар як лоиҳа қайд карда шуда, ба мақомоти вогузоршудаи амалигардонии он маълумот дода мешавад, яъне бояд рақамҳои 1 то 5-ро вобаста ба мавқеи воқеии лоиҳа бо баҳогузории - «бо нақша мутобиқатӣ дорад», «аз нишондоди нақша нисбатан дер мондааст, ки метавонад ба иҷрои лоиҳа халал расонад», «аз нишондоди нақша тамоман дер мондааст, ки ба ноилгардии лоиҳа дар муддати пешбинишуда имконнопазир аст», «лоиҳа амалӣ нашуда истодааст» ва «лоиҳа иҷро шуд».

Шаффофияти натиҷаҳои МваА. Охири ҳар сол баҳодиҳӣ аз рӯи бахшҳои барнома гузаронида мешавад. Натиҷаҳои баҳодиҳи ба раиси ноҳия, тарафҳои манфиатдор, аҳоли дар шакли мухтасар пешниҳод карда мешавад. Дар оғози ҳар сол муҳокимаи ҷамъиятии натиҷаҳои иҷрои барнома баргузор карда мешавад.

## РӮИХАТИ МАШВАРАТЧИЁНИ ТАҲИЯИ БРН

| | | |
|---|---|---|
| 1. | Ҳамидов С. | Сардори шӯъбаи рушди минтақаҳо, Вазорати рушди иқтисод ва савдои ҶТ; |
| 2. | Қурбонхоҷаев Ю. | Мушовири калон оид ба идоракунии маҳаллии БРСММ; |
| 3. | Олимов М. | Мутахассиси БРСММ оиди ҷалби захираҳо; |
| 4. | Мадаминов Р. | Мутахассиси БРСММ оид ҳамоҳангсозӣ; |
| 5. | Деҳқонов Ҷ. | Мутахассиси БРСММ оид ба банақшагирӣ; |
| 6. | Сафолов М. | Мутахассиси БРСММ оид ба идоракунии маҳаллӣ; |
| 7. | Норов А. | н.и.и, мушовири миллӣ дар БРСММ; |
| 8. | Ҳакимов Х. | Мушовири миллӣ дар БРСММ; |
| 9. | Раҳмонов З. | Мушовири миллӣ дар БРСММ; |
| 10. | Абдуллоев М. | Мушовири миллӣ дар БРСММ; |
| 11. | Саидбеков Б. | Мушовири маҳлаллӣ |

Ба чоп 21.09.2012 имзо шуд.
Ҷузъи нашрию ҳисобӣ 7. Ҳуруфи адабӣ.
Адади нашр 30.

ОПЕРАТИВНАЯ ПОЛИГРАФИЯ КОНТРАСТ

Дар ЧДММ «Контраст» чоп шудааст
ш. Душанбе, к. Н. Муҳаммад, 26